Финансирование Европейского Союза

THE WORLD OF LAW

Perspectivity

# ДАСТУР БАРОИ АДВОКАТҲО:

механизмҳои байналмилалӣ ва миллии ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф



ДУШАНБЕ
2024

Финансирование
Европейского Союза

Дастури мазкур дар доираи лоиҳаи «Роҳ ба сӯи адолат: таҳкими ҳуқуқи инсон тавассути пешгирии шиканҷа ва ислоҳоти низоми пенитенсиарӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, таҳия шудааст.

Муаллифон:
Марат Чекишевич Когамов, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, академики Академияи илмҳои табиатшиносии Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Қазоқистон (Остона, Донишгоҳи Мақсут Нарикбоев);
Ҳайдаров Алишер – Раиси Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Умед Ниёзов – Раиси мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон;
Ҳаммуаллиф: Холматова Гулчеҳра - Раиси ташкилоти ҷамъиятии "Дунёи ҳуқуқ".

Мундариҷаи дастур нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро баён намекунад.

# Мундарича

04 **Муқаддима**

06 **Фасли 1.**
Санадҳои байналмилалии ҳуқуқии эътирофи умум дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (иқтибосҳо).

22 **Фасли 2.**
Санадҳои миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.
Баҳодиҳии (бандубасти) ҳуқуқӣ-ҷиноӣ амалҳои шахсоне, ки дар содир кардани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф айбдор дониста мешаванд.

31 **Фасли 3.**
Иштироки адвокатҳо дар амалҳои мурофиавӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

46 **Фасли 4.**
Рафти иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

50 **Фасли 5.**
Намунаҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ оид ба парвандаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| **АГ СММ** | – Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид |
| **КМ** | – Кодекси маданӣ |
| **ДСИ** | – Дафтари сабти иттилоот |
| **ТНМ** | – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ |
| **КБИ** | – Китоби баҳисобгирии иттилоотӣ |
| **ПБХШС** | – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| **СММ** | – Созмони Милали Муттаҳид |
| **ҶТ** | – Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶҚ** | – Ҷумҳурии Қазоқистон |
| **КҶ** | – Кодекси ҷиноятӣ |
| **КМҶ** | – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ |
| **КИҶҶ** | – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| **ШИИ СММ** | – Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид |

# Муқаддима

Шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф мушкили ҷидди ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонанд. Ин ҷиноятҳо на танҳо ба соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ вобастаанд. Мавзӯи муқовимат бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дарҳол баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ба мавзӯи аввалин санадҳои муҳими байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд табдил ёфт. Тавре маълум аст, дар ҷараёни ин ҷанг ҷиноятҳои азиму махсусан хавфноки ҳарбӣ бар зидди инсоният содир гардиданд, ки далелҳои зиёди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф нисбат ба аҳолии ҳудудҳои аз тарафи фашистони немис забтшудаи дигар давлатҳо аз ин гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамаи ин ба таври объективӣ ба қабул нашудани ин намудҳои ҷиноят аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ оварда расонд. Мутаассифона, ин ҷиноятҳо ҳамоно дар минтақаҳои муноқишаҳои ҳарбӣ дар сайёра ҷой доранд ва дар амалияи фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми кушодан ва таҳқиқи ҷиноятҳо ба назар мерасанд. Соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун силоҳи қавии давлат дар мубориза бо ҷиноятокорӣ, як бахши низоми ҳуқуқӣ боқӣ мемонад, ки дар он аксар вақт амалҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф содир мешаванд.

Бешубҳа, вуҷуд доштани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф асосан ба номукаммал будани маҳзани ҳуқуқии амалкунандаи ҳуқуқи миллии давлатҳо, ба набудани назорати дахлдори идоравӣ, прокурорӣ ва судӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ба бесалоҳиятӣ ва бесаводии шахсони мансабдори пешбарандаи парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста аст.

Комилан мантиқист, ки дар чунин заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ, дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ба ҳодисаҳо ва парвандҳои ҷиноятӣ дар бораи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф баҳои дахлдори ҳуқуқӣ-ҷиноӣ дода намешавад. Онҳо бо сабабҳои гуногуни ғайриқонунӣ ё пинҳон дошта мешаванд ё ба онҳо хусусияти кирдорҳое дода мешавад, ки бо тартиби интизомӣ ҷазо дода мешаванд. Дар ин ҷо инчунин вазъияти ғайрисамаранок кушодан ва таҳқиқи онҳо

мушоҳида мешавад, ки аз ин ҷиҳат бесалоҳиятӣ ва касбият надоштани шахсони мансабдори таҳқиқкунандаи чунин парвандаҳои ҷиноятӣ ва қисман бефаъолиятӣ аз тарафи адвокатҳое, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қурбониёни шиканҷаро ҳимоя мекунанд, ба назар мерасад.

Ба ҳар ҳол, бино ба маълумоти субъектҳои муқовимат ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ), шикоятҳо дар мавриди ин кирдорҳо сол ба сол кам намешаванд, ҳол он ки миқдори парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо маҳкум кардани ҳамаи шахсони мансабдори расмӣ ва дигар шахсони ба содиркунии ин кирдорҳо шарик анҷом ёфтаанд, зиёд намешавад.

Номақбулии шиканҷа дар давлати ҳуқуқбунёд, ки ҶТ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ худро чунин давлат муаррифӣ мекунад, инчунин хавфнокии ҷамъиятии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, дар давлат ташкил кардани низоми ягонаи муқовимат ба чунин кирдорҳоро талаб кард, ки мақсади он пешгирӣ, кушодан ва таҳқиқи ҷиноятҳо вобаста ба шиканҷа мебошад. Қонунгузории ҶТ дар ин низом нақши муҳимро ба ҳифзи пурраи иҷтимоии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қурбониёни шиканҷа нисбат медиҳад.

Ба қатори субъектҳои муқовимат ба шиканҷа ҳуқуқи амалкунандаи ҶТ доираи васеи институтҳои мақсадноки механизми давлат, инчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолии кишварро дохил мекунад, ки онҳо уҳдадоранд бевосита ба масъалаҳои муқовимат ба шиканҷа машғул шаванд ё фаъолияти онҳо ба ин масъалаҳо вобаста аст. Дар байни субъектҳои муқовимат ба шиканҷа дар ҶТ ҷои муҳимро ташкилотҳои байналмилалии дар ҷумҳурӣ аккредитатсияшуда ишғол мекунанд, ки онҳо дар доираи салоҳияти муқовимат ба шиканҷа фаъолият мебаранд.

Аз ин рӯ, Роҳнамои пешниҳодшавандаро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои имконпазир баррасӣ кардан лозим аст, ки он дар бораи механизмҳои ҳуқуқии дар ҶТ амалкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тасаввуроти яклухт медиҳад.

# Фасли 1.

Санадҳои байналмилалии ҳуқуқии эътирофи умум дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (иқтибосҳо)



Санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон масъалаҳои мубориза бо шиканҷа ва ҷиноятҳои ба он вобастаро ҳеҷ гоҳ бе таваҷҷуҳ нагузоштаанд.

Ба ҳар ҳол, имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ маҷмуи васеи санадҳои ҳуқуқиро дар ихтиёр дорад, ки онҳо дар ҳаҷми муайян асоси меъёрии танзимкунандаи масъалаҳои муқовимат ба шиканҷаро дар бар мегиранд.

Ҳангоми баррасии онҳо алоқаи табиӣ дар байни онҳо, инчунин идеяи дастгирии сиёсати босуботи мубориза бо шиканҷа, ҳифзи қурбониёни шиканҷа ва расондани ёрӣ ба онҳо равшан ба назар мерасад.

## Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

(Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 10 декабри соли 1948).

Бешубҳа, низом ва маҷмуи чунин санадҳои байналмилалии ҳуқуқиро, ки ба муқобили шиканҷа равона шудаанд, пеш аз ҳама, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон мекушояд, ки он аз тарафи СММ 10 декабри соли 1948 қабул карда шуд. Онро ҳамчун Конститутсияи ҳамафарогири ҷаҳонӣ баррасӣ кардан лозим аст, зеро он вазифаҳоеро дар бар мегирад, ки ҳамаи халқҳо ва давлатҳо бояд ба иҷрои онҳо талош варзанд, то ин ки ҳар як инсон ва ҳар як мақоми ҷамъият ҳамеша ин Эъломияро ба инобат гирифта, бо роҳи маърифат ва таҳсилот ба эҳтироми ин ҳуқуқҳо ва озодиҳо тавассути чорабиниҳои миллӣ ва байналмилалии мутараққӣ, эътирофу татбиқи умумӣ ва самараноки онҳо ҳам дар байни халқҳои давлатҳои аъзои СММ ва ҳам дар байни халқҳои ҳудудҳое, ки дар доираи ҳуқуқи онҳо қарор доранд, мусоидат кунанд.

> **Моддаи 5-и** Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар ҷанбаи мавриди таваҷҷуҳи мо бевосита эълон мекунад, ки "Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи ӯ қарор дода шавад".

## Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲМС)

(Қатъномаи АГ СММ аз 16 декабри соли 1966).

> ПБҲМС мавқеи ҳуқуқии ҳамаи меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро муфассал тафсир мекунад, ки дар **моддаи 7-и** он омадааст: "Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи ӯ қарор дода шавад. Аз ҷумла, ягон шахс набояд бе розигии озодонаи ӯ таҳти таҷрибаҳои тиббӣ ё илмӣ қарор дода шавад".

Дар солҳои минбаъда аз тарафи СММ бастаи дигар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки дар онҳо ба таври объективӣ самти пешгирӣ ва бартараф кардани шиканҷа ва ҷиноятҳои ба он вобаста давом дода мешавад.

# Эъломияи ҳифзи ҳамаи шахсон аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

(Қатъномаи АГ СММ аз 9 декабри соли 1975).

Моддаи 1-и ин Эъломия таърифи шиканҷаро пешниҳод мекунад: Ҳамагуна амале, ки ба воситаи он ба ягон шахсе қасдан ё бо дигар сабаби ба табъизи дорои ҳамагуна хислат асосёфта дарду азоби сахт ё азоби ҷисмонӣ ё маънавӣ расонда мешавад, то ки аз ӯ ё аз шахси сеюм маълумот (баёнот) гиранд ё ӯро ба иқрор шудан маҷбур созанд, ӯро барои амалҳои содирнамудаи ӯ ё шахси сеюм ё барои гумонбар шуданаш дар содир намудани амали ҷиноӣ ҷазо диҳанд. Ба ин тафсир дард ё азобе, ки танҳо ба сабаби қонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, бинобар ҳолати хос ба ин ё дар натиҷаи ин, бо ҳамон дараҷае, ки ин ба Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагон мутобиқ аст, бармеояд, дохил намешавад (банди 1).

**Шиканҷа намуди шадид ва ғаразноки муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро дар бар мегирад (банди 2).**

Мувофиқи моддаи 2-и ин Эъломия, ҳамагуна амале, ки шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро дар бар мегирад, таҳқири шаъну шарафи инсон буда, бояд ҳамчун вайрон кардани ҳадафҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон эълон шудаанд, маҳкум карда шавад.

# Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ

(Қатъномаи АГ СММ аз 17 декабри соли 1979).

Кодекси ҳамафарогир, ки муқаррароти онро бе истисно ҳамаи шахсони мансабдори мақомоти таъқиби ҷиноятии давлатҳои миллӣ бояд риоя кунанд. Муқаррароти онро бояд адвокатҳо ҳамчун намояндагони қурбониёни шиканҷа донанд.

Кодекс муайян менамояд, ки шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ қувваро танҳо дар ҳолати зарурати ниҳоӣ ва ба ҳамон андозае, ки ин барои иҷрои уҳдадориҳои онҳо зарур аст, истифода бурда метавонанд (моддаи 3).

### Шарҳҳо:

a) Дар ин муқаррарот қайд мешавад, ки истифодаи қувва аз тарафи шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ бояд хусусияти истисноӣ дошта бошад; ҳарчанд он зимнан дар назар дорад, ки шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ба истифодаи қувва ваколат дошта метавонанд, ки ин дар чунин ҳолатҳо қобили қабул аст, бо мақсади пешгирии ҷиноят ё ҳангоми гузарондани дастгиркунии қонунии ҳуқуқвайронкунандагон ё ҳуқуқвайронкунандагони гумонбаршаванда ё дар вақти расондани ёрӣ ҳангоми чунин дастгиркунӣ қуввае, ки аз ҳадди барои ин мақсад зарурӣ берун мебарояд, истифода бурда шуда наметавонад.

b) Қонунгузории миллӣ одатан аз тарафи шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ истифода бурдани қувваро мувофиқи принсипи мутаносибӣ маҳдуд мекунад. Инро тавре фаҳмидан лозим аст, ки ҳангоми тафсири

ин муқаррарот бояд принсипҳои миллии мутаносибӣ эҳтиром карда шаванд. Ин муқаррарот ба ҳеҷ ваҷҳ тавре тафсир карда намешавад, ки гӯё он ба истифодаи чунин қуввае ваколат медиҳад, ки он ба мақсади қонунии ноилшаванда номутаносиб аст.

c) Истифодаи силоҳи оташфишон чораи ниҳоӣ ба шумор меравад. Тамоми кӯшишҳоро ба он сарф кардан лозим аст, ки истифодаи силоҳи оташфишон, махсусан бар зидди кӯдакон, истисно карда шавад. Одатан силоҳи оташфишон набояд истифода бурда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки вақте ҳуқуқвайронкунанда муқобилати мусаллаҳона нишон медиҳад ё ба таври дигар ҳаёти дигаронро дар зери хатар мегузорад ва вақте ки дигар чораҳои хусусияти истисноидошта барои муҳокима ё дастгир кардани ҳуқуқвайронкунандаи гумонбаршаванда кофӣ нестанд. Дар бораи ҳар як ҳолати истифодаи силоҳи оташфишон дарҳол ба мақомоти салоҳиятнок хабар додан лозим  аст.

## Принсипҳои одоби тиббӣ, ки ба нақши кормандони соҳаи тандурустӣ, махсусан табибон дар ҳифзи маҳкумшудагон ва боздоштшудагон аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф марбутанд

(Қатъномаи АГ СММ аз 18 декабри соли 1982).

Мувофиқи Принсипҳои одоби тиббӣ, "кормандони соҳаи тандурустӣ, махсусан табибон, одоби тиббиро дағалона вайрон мекунанд, инчунин ба ҷиноят даст мезананд, агар, мувофиқи ҳуҷҷатҳои байналмилалии амалкунанда, онҳо фаъолона ё ғайрифаъолона ба амалҳое машғул шаванд, ки ин амалҳо иштирок ё шарикиро дар шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро дар бар мегиранд ё ба содир кардан ё кӯшиш содир кардани ин амалҳо водор менамоянд" (принсипи 2).

"Кормандони соҳаи тандурустӣ, махсусан табибон, одоби тиббиро вайрон мекунанд, агар онҳо:

a) донишу таҷрибаи худро барои мусоидат ба гузарондани пурсиши маҳбусон ва дастгиршудагон тавре истифода баранд, ки ин ба саломатӣ ҳолати ҷисмонӣ ё психикии чунин маҳбусон ва дастгиршудагон таъсири манфӣ расонда метавонад ва ба ҳуҷҷатҳои байналмилалии дахлдор мутобиқ нест;

b) тасдиқ кунанд ё дар тасдиқи он иштирок кунанд, ки ҳолати саломатии маҳбусон ва дастгиршудагон таҳти ҳамагуна шакли муносибат ё ҷазо қарор додани онҳоро иҷозат медиҳад, ки ин ба саломатии ҷисмонӣ ё психикии онҳо таъсири манфӣ расонда метавонад ва ба ҳуҷҷатҳои байналмилалии дахлдор мутобиқ нест ё дар ҳамагуна дигар шакл дар истифодаи ҳамагуна муносибат ё ҷазо, ки ба ҳуҷҷатҳои байналмилалии дахлдор мутобиқ нест, иштирок кунанд" (принсипи 4).

# Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

(Қатъномаи АГ СММ аз 10 декабри соли 1984).

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, Конвенсияи зидди шиканҷаро 21 июли соли 1994 тасдиқ кард, ки он 10 феврали соли 1995 дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуд.

Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа 25 сентябри соли 2007 аз тарафи АГ СММ қабул карда шуд, ки мақсади он ташкили низоми боздидҳои мунтазами мақомотҳои мустақили байналмилалӣ ва миллӣ аз ҷойҳои нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҷиҳати пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф буда (ниг.ба моддаи 1), он аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб нашудааст.

Аҳамияти Конвенсия асосан дар баёни барномаи чараёни исботи айби шахсони содиркунандаи шиканҷа дар ҳадди салоҳияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, аз ҷумла аз тарафи намояндаи ҷабрдида (адвокат) аз рӯи парвандаҳои зерин иборат аст:

– масалан, дархостҳои ӯ, ки ба ҷудо (дар ҳабс) нигоҳ доштани шахси мансабдор ё дигар шахсе, ки дар вақти таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ шиканҷаро истифода бурдааст, равона шудаанд;

- кори мурофиаи ҷиноятӣ бо қурбонии шиканҷа, таъмини ҳуқуқҳои ӯ то андешидани чораҳои бехатарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

- ошкор кардани шоҳидони айбдоркунӣ ва кор бо шоҳидон аз рӯйхати айбдоркунӣ, андешидани чораҳо барои таъмини бехатарии онҳо;

- ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии далелҳои шайъии шиканҷа, таъмини беосеб нигоҳ доштани онҳо;

- фавран таъин кардан ва гузарондани намудҳои дахлдори экспертизаҳои судӣ бо истифодаи ваколатҳои мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ ва ваколатҳои мурофиавии адвокат ҳамчун намояндаи қурбонии шиканҷа.

# Қоидаҳои стандартии минималии СММ, ки ба татбиқи адолати судӣ нисбат ба ноболиғон марбутанд ("Қоидаҳои Пекин")

(Қатъномаи АГ СММ аз 10 декабри соли 1985).

> **«5. Ҳадафҳои адолати судӣ нисбат ба ноболиғон**
>
> 5.1. Низоми адолати судӣ нисбат ба ноболиғон, пеш аз ҳама, ба таъмини некуаҳволии ноболиғон ва таъмини он равона шудааст, ки ҳамагуна чораҳои таъсир ба ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ҳамеша ҳам ба хусусиятҳои шахсияти ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам ба ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ мутаносиб бошанд".

Дар қоидаи 5 ду ҳадафи муҳими татбиқи адолати судӣ нисбат ба ноболиғон инъикос шудааст. Ҳадафи якум мусоидат ба некуаҳволии ноболиғон аст. Ин ҳадафи асосии низомҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар онҳо ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ судҳо оид ба парвандаҳои оилавӣ ё мақомоти маъмурӣ сарикор доранд, вале, дар баробари ин, ба некуаҳволии ноболиғон дар низомҳои ҳуқуқие, ки мувофиқи модели таъқиби ҷиноятӣ амал мекунанд, бояд диққати махсус дода шавад, ки ин ба пешгирии санксияҳои ҷазодиҳанда мусоидат мекунад (ниг.ба қоидаи 14).

Ҳадафи дуюм риояи "принсипи мутаносибӣ" аст. Ин принсип ҳамчун воситаи маҳдуд кардани истифодаи санксияҳои ҷазодиҳанда, ки асосан дар истифодаи принсипи подоши амал мувофиқи дараҷаи вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ ифода меёбад, ба таври васеъ маълум аст. Аксуламал ба амалҳои ҳуқуқвайронкунандагони ҷавон бояд дар баназаргирии натанҳо дараҷаи вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ, балки дар хусусиятҳои шахсият низ асос ёбад. Хусусиятҳои инфиродии ҳуқуқвайронкунанда (масалан, мавқеи иҷтимоӣ, ҳолат дар оила, зараре, ки ҳуқуқвайронкунанда расондааст ва дигар омилҳо вобаста ба шахсияти ҳуқуқвайронкунанда) бояд ба мутаносибии амалҳои ҷавобӣ таъсир расонанд (масалан, ба назар гирифтани хоҳиши ҳуқуқвайронкунанда барои ҷуброни зарари ба қурбонӣ расондааш ё хоҳиши ӯ барои пешбурди ҳаёти мукаммал ва муфид).

Ҳамин тавр, амалҳои ҷавобӣ, ки ба таъмини некуаҳволии ҳуқуқвайронкунандаи ҷавон равона шудаанд, аз ҳадди зарурӣ берун баромада, ба ҳуқуқҳои асосии ҷавони мушаххас зарар расонда метавонанд, ҳамон тавре ки ин дар баъзе низомҳои адолати судӣ нисбат ба ноболиғон мушоҳида мешавад. Дар ин ҳолат мутаносибии амалҳои ҷавобиро бо назардошти хусусияти ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва шахсияти ҳуқуқвайронкунанда, инчунин қурбонии ҳуқуқвайронкунӣ таъмин кардан лозим аст.

Моҳиятан, дар қоидаи 5 танҳо амалҳои ҷавобии одилона ба ҳамагуна ҳуқуқвайронкунии мушаххас ё ҷинояти содиркардаи ноболиғ дида мешаванд. Гуногунии ҷанбаҳое, ки ин қоида дар бар мегирад, ба истифодаи ду равиш мусоидат карда метавонад: намудҳои нав ва навоваронаи амалҳои ҷавобӣ ҳамон қадар қобили қабуланд, ки чораҳои пешгирӣ нисбат ба ҳамагуна вусъати беасоси шабакаи назорати иҷтимоии ноболиғон талаб мекунанд.

«

**«6. Ҳаҷми ваколатҳои дискретсионӣ**

6.1. Бинобар эҳтиёҷоти гуногуну махсуси ноболиғон, инчунин гуногунии чораҳои мавҷуда, ҳаҷми дахлдори ваколатҳои дискретсиониро дар ҳамаи марҳилаҳои муҳокимаи судӣ ва дар сатҳҳои гуногуни татбиқи адолати судӣ нисбат ба ноболиғон, аз ҷумла ҳангоми таҳқиқ ва баррасии парвандаҳо дар суд, қабули қарори судӣ ва назорати иҷрои қарорҳои судӣ пешбинӣ кардан лозим аст.

> 6.2. Дар баробари ин, барои таъмини ҳисоботи дахлдор дар ҳамаи марҳилаҳо ва сатҳҳо ҳангоми ба амал баровардани ҳамагуна ваколатҳои дискретсионӣ кӯшишҳоро ба харҷ додан лозим аст.
>
> 6.3. Шахсоне, ки ваколатҳои дискретсиониро истифода мебаранд, барои истифодаи оқилонаи онҳо мувофиқи функсияҳо ва ваколатҳои худ бояд тахассус ё омодагии дахлдор дошта бошанд".

Қоидаҳои 6.1, 6.2 ва 6.3 якчанд ҷанбаҳои муҳими татбиқи самаранок, одилона ва инсондӯстонаи адолати судӣ нисбат ба ноболиғонро дар бар мегиранд: зарурати иҷозатдиҳӣ ба истифодаи ваколатҳои дискретсионӣ дар ҳамаи сатҳҳои асосии татбиқи адолати судӣ, то ин ки шахсони қарорқабулкунанда вобаста ба ҳар як ҳолати мушаххас амал карда тавонанд; зарурати пешбинӣ кардани чораҳои назорат ва муқовимат барои пешгирии ҳолатҳои истифодаи нодурусти ваколатҳои дискретсионӣ ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои ҳуқуқвайронкунандаи ҷавон. Тобеият ва касбият воситаҳои муҳими маҳдуд кардани истифодаи васеи ваколатҳои дискретсионӣ мебошанд. Ҳамин тавр, дар ин ҳолат аҳамияти малакаҳо ва омодагии касбӣ ҳамчун воситаҳои арзандаи таъмини истифодаи оқилонаи ваколатҳои дискретсионӣ дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ таъкид мегардад (ниг.ба қоидаҳои 1.6 ва 2.2). Дар ин замина аҳамияти коркарди принсипҳои мушаххаси роҳбарикунандаи истифодаи ваколатҳои дискретсионӣ ва таъмини низоми бозбинии парвандаҳо, апеллятсия ва ғ. қайд карда мешавад, то ин ки санҷиши қарорҳо ва тобеият таъмин карда шавад. Чунин механизмҳо бинобар мушкилиҳои муайян вобаста ба дохил кардани онҳо ба Қоидаҳои стандартии минималӣ мушаххас қайд карда намешаванд, чунки дар ин қоидаҳо ҳамаи фарқҳо дар низоми адолати судиро ба инобат гирифтан номумкин аст.

> **"7. Ҳуқуқҳои ноболиғон**
>
> 7.1. Кафолатҳои асосии мурофиавӣ, ба монанди эҳтимоли бегуноҳӣ, ҳуқуқи хабардор кардан дар бораи айби эълоншуда, ҳуқуқ ба рад кардани додани нишондод, ҳуқуқ ба адвокат доштан, ҳуқуқ ба ҳузур доштани волидон ё васӣ, ҳуқуқ ба рӯбарӯкунӣ бо шоҳидон ва пурсиши чанднафараи онҳо, ҳуқуқ ба апеллятсия дар марҳилаҳои болоӣ бояд дар ҳамаи марҳилаҳои муҳокимаи судӣ кафолат дода шаванд".

Дар қоидаи 7.1 баъзе ҷанбаҳои муҳиме таъкид мешаванд, ки унсурҳои муҳими суди одилона ва беғараз буда, дар сатҳи байналмилалӣ дар ҳуҷҷатҳои муҳим дар бораи ҳуқуқҳои инсон эътироф шудаанд (ниг.ба қоидаи 14). Муқаррарот дар бораи эҳтимоли бегуноҳӣ, масалан, дар моддаи 11-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва моддаи 14.2-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ мавҷуд аст. Дар қоидаи 14 ва идомаи Қоидаҳои стандартии минималӣ масъалаҳое, ки муҳиманд, аз ҷумла ҳангоми дар суд баррасӣ кардани парвандаҳои ноболиғон мушаххас муайян карда мешаванд, дар қоидаи 7.1 бошад, кафолатҳои аз ҳамаи муҳими мурофиавӣ ба таври умумӣ тасдиқ карда мешаванд".

> **"15. Адвокат, волидон ва васиён**
>
> 15.1. Дар тамоми чараёни муҳокимаи судӣ ноболиғ ҳуқуқ дорад, ки ё аз тарафи адвокат ҳимоя карда шавад ё барои ёрии ҳуқуқии ройгон муроҷиат кунад, агар таъмини чунин ёрӣ дар қонунгузории ин кишвар пешбинӣ шуда бошад.
>
> 15.2. Волидон ё васӣ ҳуқуқ доранд, ки дар муҳокимаи судӣ иштирок кунанд ва мақомоти ваколатдор иштироки онҳоро ба манфиати ноболиғ талаб намояд. Лекин мақомоти ваколатдор чунин иштирокро ба онҳо рад карда метавонад, агар асос барои чунин гумон мавҷуд бошад, ки ин ба манфиати ноболиғ зарур аст".

Дар қоидаи 15.1 истилоҳи монанд ба истилоҳи қоидаи 93-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагон истифода бурда мешавад. Агар муқаррарот дар бораи адвокат ва ёрии ҳуқуқии ройгон барои таъмини ёрии ҳуқуқӣ ба ноболиғ зарур бошад, ҳуқуқи иштироки волидон ё васиро, тавре дар қоидаи 15.2 омадааст, ҳамчун дастгирии умумии психологӣ ва эмотсионалӣ ба ноболиғ, ҳамчун функсияе, ки бояд дар тамоми муддати муҳокима иҷро карда шавад, баррасӣ кардан лозим аст.

Барои мақомотҳои ваколатдор, ки парвандаро ба таври дахлдор баррасӣ кардан мехоҳанд, ҳамкорӣ бо намояндагони ҳуқуқии ноболиғ (ё ягон ёрдамчии дигар, ки ноболиғ ба ӯ бовар карда метавонад ва дар ҳақиқат бовар мекунад) муфид хоҳад буд. Ин муқаррарот дар ҳолате аҳамияти худро гум карда метавонад, ки агар иштироки волидон ё васиён ҳангоми шунидани парванда таъсири манфӣ расонад, масалан, агар онҳо нисбат ба ноболиғ муносибати хусуматомез нишон диҳанд; аз ин рӯ, имконияти ба онҳо рад кардани чунин иштирок бояд пешбинӣ карда шавад.

> **"17. Принсипҳои роҳбарикунандаи қабули қарори судӣ ва интихоби чораи таъсир**
>
> 17.1. Ҳангоми интихоби чораҳои таъсир мақомоти ваколатдор бояд принсипҳои зеринро ба роҳбарӣ гирад: a) чораҳои таъсир ҳамеша бояд на танҳо ба ҳолатҳо ва дараҷаи вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ, балки ба мавқеъ ва эҳтиёҷоти ноболиғ, инчунин ба эҳтиёҷоти ҷомеа мутаносиб бошад; b) қарор дар бораи маҳдуд кардани озодии шахсии ноболиғ бояд танҳо баъди баррасии ҷиддии ин масъала қабул карда шуда, маҳдудият то қадри имкон ба минимум расонда шавад; c) ҳуқуқвайронкунандаи ноболиғро аз озодии шахсӣ маҳрум кардан лозим нест, ба истиснои агар ӯ дар содир кардани кирдори ҷиддӣ бо истифодаи зӯрӣ бар зидди шахси дигар ё дар чандин маротиба содир кардани дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиддӣ айбдор эътироф шуда бошад, инчунин агар дигар чораи дахлдори таъсир мавҷуд набошад; d) ҳангоми баррасии парвандаи ноболиғ масъалаи некуаҳволии ӯ бояд ҳамчун омили муайянкунанда ба назар гирифта шавад.

> 17.2. Барои ҳамагуна ҷинояте, ки ноболиғ содир кардааст, ҳукми қатл баровარда намешавад.
>
> 17.3. Ноболиғ таҳти ҷазои ҷисмонӣ қарор дода намешавад.
>
> 17.4. Мақомоти ваколатдор бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки дар ҳамагуна лаҳза муҳокимаи судиро қатъ кунад".

Мушкили асосӣ дар коркарди принсипҳои роҳбарикунанда барои қабули қарори судӣ нисбат ба ҷавонон ба вуҷуд меояд аз зиддиятҳои бартарафнашудаи дорои хусусияти фалсафӣ дар байни: a) аз нав тарбиядиҳӣ ва подоши амал; b) ёрӣ, пешгирӣ, ҷазо; c) чораи таъсир бо назардошти ҳолатҳои истисноии парвандаи мушаххас ва чораи таъсир ба манфиати ҳимояи ҷомеа дар маҷмуъ; d) пешгирии умумӣ ва ҷазои инфиродӣ.

Зиддият дар байни ин равишҳо дар муқоиса бо парвандаҳои калонсолон нисбат ба парвандаҳои ноболиғон равшан ба назар мерасад. Бинобар гуногун будани сабабу натиҷа, ки хусусияти фарқкунандаи парвандаҳои ноболиғон аст, дар байни ин ду мафҳум вобастагии мураккаб пайдо мешавад.

Қоидаҳои стандартии минималии татбиқи адолати судӣ нисбат ба ноболиғон истифодаи ягон хел равишро дастур намедиҳанд, балки ба равише ишора мекунанд, ки аз ҳама бештар ба принсипҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда ҷавобгӯ аст. Аз ин рӯ, муқаррароти асосии дар қоидаи 17.1, аз ҷумла дар зербандҳои a) ва c) баёншударо асосан ҳамчун принсипҳои роҳбарикунандаи амалӣ қабул кардан лозим аст, ки ин принсипҳо бояд ҳамчун нуқтаи ибтидоии умумӣ истифода бурда шаванд; ҳангоми аз тарафи мақомотҳои дахлдор ба назар гирифтани онҳо (ниг.ба қоидаи) 5) ин принсипҳо ба таври назаррас ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои асосии ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ, хусусан ҳуқуқҳои асосӣ ба инкишофи шахсият ва таҳсилот мусоидат карда метавонанд.

Дар зербанди b) қоидаи 17.1 омадааст, ки равиши дорои хусусияти ҷазодиҳанда қобили қабул нест. Агар дар парвандаҳои калонсолон, инчунин, ба эҳтимоли зиёд, дар ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиддии ноболиғон ҷазои сазовор ва санксияҳои ҷазодиҳандаро ҳамчун ба андозаи муайян асоснок баррасӣ кардан мумкин бошад, дар парвандаҳои ноболиғон аз чунин мулоҳизаҳо бояд ҳамеша манфиатҳои таъмини некуаҳволӣ ва ояндаи ҷавонон бартарӣ дошта бошанд.

Дар мутобиқат ба қатъномаи 8-уми Конгресси шашуми Созмони Милали Муттаҳид зербанди b-и қоидаи 17.1 ба истифодаи то қадри имкон васеи алтернативаҳои ҳабс мусоидат карда, зарурати қонеъ кардани эҳтиёҷоти мушаххаси ҷавононро ба назар мегирад. Аз ин рӯ, ҳамаи чораҳои алтернативии мавҷударо пурра истифода бурда, чораҳои алтернативии навро бо назардошти талаботҳои бехатарии ҷомеа андешидан лозим аст. Низоми пробатсия бояд бо роҳи баровардани ҳукмҳои шартӣ, батаъхиргузорӣ ва иҷрои қарорҳои шӯроҳо ва дигар намудҳои қарорҳо то қадри имкон васеъ истифода бурда шавад.

Зербанд аз қоидаи 17.1 ба яке аз принсипҳои роҳбарикунандаи қатъномаи 4-уми Конгресси шашум ҷавобгӯ буда, ба он равона шудааст, ки ҳабс карданн ноболиғон пешгирӣ карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар дигар чораи дахлдори таъминкунандаи бехатарии ҷомеа мавҷуд набошад.

Муқаррарот дар бораи манъи ҷазои қатл дар қоидаи 17.2 ба моддаи 6.5-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ ҷавобгӯ аст.

Муқаррарот дар бораи манъи ҷазои ҷисмонӣ ба моддаи 7-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ ва Эъломияи ҳифзи ҳамаи шахсон аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, инчунин ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ҷавобгӯ аст.

Ҳуқуқ ба қатъ кардани муҳокимаи судӣ дар ҳамагуна лаҳза (қоидаи 17.4) хусусияти фарққунандаи хоси амалияи муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба фарқ аз калонсолон аст. Дар ҳамагуна вақт мақомоти ваколатдор аз ҳолатҳое бохабар шуда метавонад, ки ин ҳолатҳо иҷозат медиҳанд пурра қатъ кардани дахолат беҳтарин қарор аз рӯи парванда ҳисоб карда шавад.

> **"18. Чораҳои гуногуни таъсир**
>
> 18.1. Бо мақсади таъмини тағйирпазирии бештар ва то қадри имкон пешгирӣ кардани ҳабс дар муассисаҳои ислоҳӣ мақомоти ваколатдор бояд ҳангоми ҳалли парвандаҳо маҷмуи васеи чораҳои таъсирро дар ихтиёр дошта бошад. Чораҳое, ки дар мутобиқат ба ҳамдигар амалӣ шуда метавонанд: a) қарор дар бораи васоят, роҳбарӣ ва назорат; b) пробатсия; c) қарор дар бораи кор ба манфиати ҷомеа; d) ҷазои молиявӣ, ҷуброн ва реститутсия; e) қарор дар бораи андешидани чораҳои мобайнӣ ва чораҳои дигар; f) қарор дар бораи иштирок дар психотерапияи гурӯҳӣ ва дигар чорабиниҳои ба ин монанд; g) қарор дар бораи супоридан барои тарбия, ҷои истиқомат ё дигар чораҳои тарбиявӣ; h) дигар қарорҳои дахлдор.
>
> 18.2. Ягон ноболиғро аз зери назорати волидон қисман ё пурра гирифтан мумкин нест, агар ин бо ҳолатҳои парвандаи ӯ асоснок нашуда бошад".

Дар қоидаи 18.2 кӯшиши номбар кардани баъзе чораҳои муҳими таъсир ва санксияҳое, ки дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ бомуваффақият татбиқ карда мешаванд, анҷом дода мешавад. Дар маҷмуъ, онҳо ояндадор буда, барои татбиқ ва инкишофи минбаъда сазоворанд. Дар ин қоида ягон хел талабот нисбат ба кормандон қайд нашудааст, чунки дар баъзе минтақаҳо шояд кормандони дахлдор мавҷуд набошанд; дар ин минтақаҳо чораҳоеро таҳия ва татбиқ кардан мумкин аст, ки барои амалисозии онҳо шумораи ками кормандон талаб карда мешавад.

Барои мисолҳое, ки дар қоидаи 18.1 оварда шудаанд, пеш аз ҳама, такя ба ҷомеа ҳамчун ба воситаи иҷрои бомуваффақияти қарорҳои алтернативӣ умумӣ ба шумор меравад. Аз нав тарбиядиҳӣ бо ҷалби ҷомеа чораи анъанавиеро дар бар мегирад, ки он фарогири ҷанбаҳои зиёд аст. Бинобар ин, ба мақомоти дахлдор зарур аст, ки хизматрасонӣ ба ҷомеаро ҳавасманд гардонад.

Дар қоидаи 18.2 нақши муҳими оила қайд карда мешавад, ки он, мувофиқи моддаи 10.1 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, "бахши табиӣ ва асосии ҷомеа" аст. Дар доираи оила волидон на танҳо ҳуқуқ доранд, балки барои таъмини нигоҳубин ва назорати фарзандони худ уҳдадоранд. Аз ин рӯ, мувофиқи қоидаи 18.2, аз ҳам ҷудо кардани фарзандон ва волидон чораи ниҳоӣ аст. Ин чораро танҳо дар ҳолатҳое истифода бурдан мумкин аст, ки агар далелҳои парванда ин иқдоми ҷиддиро асоснок шуморанд (масалан, муносибати бераҳмона бо фарзандон)".

# Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳама шахсони дар ин ё он шакл таҳти боздошт ё ҳабс карордошта

(Қатъномаи АГ СММ аз 9 декабри соли 1988).

"**Принсипи 6:**

Ҳеҷ як шахси боздоштшуда ё зиндонӣ набояд мавриди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор гирад.

Ҳеҷ як ҳолат шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро сафед карда наметавонад".

# Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак

(Қатъномаи АГ СММ аз 20 ноябри соли 1989).

"**Моддаи 19:**

1. Давлатҳои аъзо бо мақсади ҳифзи кӯдак аз тамоми шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психологӣ, таҳқир ё сӯистифода, набудани ғамхорӣ ё муносибати беэътиноёна, муносибати дағалона ё сӯистифода, аз ҷумла сӯистифодаи шаҳвонӣ аз ҷониби волидайн, сарпарастони қонунӣ ё ҳар шахси дигаре, ки ғамхории кӯдак бар дӯши ӯ мебошад, тамоми тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро меандешанд.

2. Чунин тадбирҳои ҳимоя, дар мавриди зарурат, аз расмиёти таъсирбахш барои таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешниҳод намудани ёрии зарурӣ ба кӯдак ва шахсони ғамхории ӯ бар дӯшашон буда, инчунин барои амалӣ намудани дигар шаклҳои пешгирӣ, ошкор намудан, огоҳонӣ, ба баррасӣ, тафтиш, табобат таҳвил намудан ва тадбирҳои минбаъда бинобар ҳодисаҳои муносибати бераҳмона бо кӯдак аз ҷониби шахсони дар боло зикргардида, инчунин дар мавриди зарурат, барои оғоз намудани расмиёти судӣ иборат мебошанд".

"**Моддаи 37:**

Давлатҳои аъзо таъмин хоҳанд кард, ки:
а) ягон кӯдак таҳти шиканҷа ё дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода нашавад. На қатл, на ҳабси умрбодӣ, ки имконияти озод шуданро дар назар надорад барои ҷиноятҳои содирнамудаи шахсони ҷавонтар аз 18-сола набояд таъин карда шавад".

## Принсипҳои асосии истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдор оид нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ

(Аз тарафи Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон қабул карда шудааст, Гавана, Куба, 27 август 7 сентябри соли 1990).

Мувофиқи принсипи 7, Ҳукумат таъмин мекунад, ки истифодаи худсарона ё бадқасдонаи қувва ё силоҳи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ мувофиқи қонуни онҳо ҳамчун ҷиноят ҷазо дода шавад.

## Принсипҳои асосии муносибат бо маҳкумшудагон

(Қатъномаи АГ СММ аз 14 декабри соли 1990).

«

"2. Ягон хел табъиз аз рӯи аломати нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақидаҳо, баромади миллӣ ё иҷтимоӣ, ҳолати молумулкӣ, таваллуд ё аз рӯи аломати дигар иҷозат дода намешавад".

"7. Кӯшишҳоро барои бекор кардани танҳо нигоҳдорӣ ба сифати ҷазо ё барои маҳдуд кардани истифодаи он сарф ва ҳавасманд кардан лозим аст".

"9. Маҳбусон аз хизматрасонии тиббӣ, ки дар ҳамин кишвар мавҷуд аст, вобаста ба ҳолати ҳуқуқии худ бе табъиз истифода мебаранд".

## Эъломия дар бораи ҳифзи ҳамаи шахсон аз нопадидшавии маҷбурӣ

(Қатъномаи АГ СММ аз 18 декабри соли 1992).

«

"**Моддаи 1:**

1. Ҳамагуна амали нопадидшавии маҷбурӣ таҳқири шаъну шарафи инсон аст. Он ҳамчун радкунии ҳадафҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамчун вайронкунии ҷиддӣ ва тоқатнопазири ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон эълон гардида, дар ҳуҷҷатҳои байналмилалии ба ҳамин соҳа дахлдор тасдиқ карда шудаанд, маҳкум карда мешавад.

2. Ҳамагуна амали нопадидшавии маҷбурӣ шахсонеро, ки таҳти чунин амал қарор дода шудаанд, аз ҳифзи қонун маҳрум мекунад, инчунин ба онҳо ва оилаҳои онҳо азоби вазнин мерасонад. Ин амал вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аст, зеро ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, ҳуқуқ ба эътирофи субъекти ҳуқуқ будани шахс, ҳуқуқ ба озодӣ ва бехатарии шахс, ҳуқуқи таҳти шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода нашуданро кафолат медиҳад. Ин амал инчунин вайронкунии ҳуқуқ ба ҳаёт аст ё таҳдиди ҷиддиро нисбат ба ҳамин ҳуқуқ дар бар мегирад".

«

**"Моддаи 13:**

"3. Чораҳо барои таъмини ҳифзи ҳамаи иштирокчиёни таҳқиқ, аз ҷумла даъвогар, адвокат, шоҳидон ва шахсони таҳқиқбаранда аз ҳамагуна намудҳои муносибати бад, тарсдиҳӣ ё қасос андешида мешаванд".

## Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ

(Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ – шартномаи байналмилалӣ, ки аз тарафи Суди байналмилалии ҷиноятӣ таъсис дода шудааст. 17 июли соли 1998 дар конференсияи дипломатӣ дар Рим қабул карда шуд).

«

**"Моддаи 5. Ҷиноятҳое, ки таҳти доираи ҳуқуқи Суд қарор мегиранд:**

1. Доираи ҳуқуқи Суд бо ҷиноятҳои аз ҳама ҷиддӣ, ки боиси ташвиши ҳамаи ҷомеаи байналмилалӣ мешаванд, маҳдуд карда мешавад. Мувофиқи ҳамин Статут, доираи ҳуқуқи Суд ҷиноятҳои зеринро фаро мегирад: a) ҷинояти генотсид; b) ҷиноятҳо бар зидди инсоният; c) ҷиноятҳои ҳарбӣ; d) ҷинояти агрессия".

«

**"Моддаи 7. Ҷиноятҳо бар зидди инсоният:**

"Барои ҳадафҳои ҳамин Статут "ҷиноятҳо бар зидди инсоният" ҳамагуна аз кирдорҳои зеринро мефаҳмонад, вақте ки ин кирдорҳо дар доираи ҳуҷуми васеъ ё мунтазам ба ҳамагуна шахсони маданӣ содир карда мешаванд ва чунин ҳуҷум бошуурона содир карда мешавад: a) куштор; b) нест кардан; c) ғулом кардан; d) депортатсия ё кӯчондани маҷбурии аҳолӣ; e) ҳабс кардан ё дигар маҳрумкунии бераҳмона аз озодии ҷисмонӣ бар хилофи меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; **f) шиканҷа;** g) таҷовуз, ба ғуломии шаҳвонӣ табдил додан, ба фоҳишагӣ маҷбур кардан, ҳомиладории маҷбурӣ, безурриёткунии маҷбурӣ ё ҳамагуна шаклҳои дигари зӯроварии шаҳвонӣ бо дараҷаи вазнинии муқоисашаванда; h) таъқиби ҳамагуна гурӯҳ ё умумияти мушаххасшаванда аз рӯи омилҳои сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, қавмӣ, фарҳангӣ, динӣ, гендерӣ, ҳамон тавре ки дар банди 3 муайян карда мешавад, ё дигар омилҳое, ки дар ҳама ҷо мувофиқи ҳуқуқи байналмилалӣ нораво эътироф карда шудаанд, вобаста ба ҳамагуна кирдорҳое, ки дар ҳамин банд нишон дода шудаанд, ё вобаста ба ҳамагуна ҷиноятҳое, ки таҳти доираи ҳуқуқи Суд қарор дода мешаванд; i) нопадидшавии маҷбурии одамон; j) ҷинояти апартеид; k) дигар кирдорҳои ғайриинсонии дорои чунин хусусият, ки аз қасдан расондани азоби сахт ё зарарҳои ҷиддии ҷисмонӣ ё зарари ҷиддӣ ба саломатии психикӣ ё ҷисмонӣ иборатанд".

> "2. Барои ҳадафҳои сархати 1:
>
> е) "шиканҷа" қасдан расондани дард ё азоби сахти ҷисмонӣ ё психикӣ ба шахсеро мефаҳмонад, ки дар ҳабс ё дар зери назорати айбдоршаванда аст; вале дард ё азобе, ки танҳо дар натиҷаи санксияҳои қонунӣ ба вуҷуд меояд, аз ин санксияҳо ҷудонашаванда аст ё тасодуфан аз ин санксияҳо пайдо мешавад, шиканҷа шуморида намешавад"

> "Моддаи 8. Ҷиноятҳои ҳарбӣ.
>
> 2. Барои ҳадафҳои ҳамин Статут ҷиноятҳои ҳарбӣ чунин маъно дорад: a) вайронкунии ҷиддии Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949, яъне ҳамагуна аз кирдорҳои зерин бар зидди шахсон ё молу мулке, ки мувофиқи муқаррароти ба Конвенсияи Женева мутобиқ ҳифз карда мешавад: ii) **шиканҷа ё муносибати ғайриинсонӣ, аз ҷумла озмоишҳои биологӣ**; iii) қасдан расондани азоби сахт ё зарарҳои ҷиддии ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ; ... ".

## **Принсипҳои таҳқиқ ва ҳуҷҷатгузории самараноки шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф** (Протоколи Стамбул)

(Қатъномаи ШИИ СММ аз 4 декабри соли 2000).

Иловаи муҳим ва воситаи корӣ ба таъмини татбиқи меъёрҳои Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа ва фаъолияти мурофиаи ҷиноятии Суди байналмилалии ҷиноятӣ Протоколи Стамбул аз соли 2000 ба шумор меравад, ки дар он барномаи ошкор кардан, кушодан, таҳқиқ кардан, ҷамъ овардан ва мустаҳкам кардани далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф асос ёфтааст.

"1. Ҳадафҳои таҳқиқ ва ҳуҷҷатгузории самараноки шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд – "шиканҷа ё дигар намудҳои муносибати бераҳмона") инҳоро дар бар мегирад: а) ошкор кардани далелҳо, муайян ва эътироф кардани масъулияти инфиродӣ ва давлатӣ дар назди қурбониён ва оилаҳои онҳо; b) муайян намудани чораҳои зарурӣ барои пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ; c) мусоидат ба таъқиб ва/ё дар ҳолатҳои дахлдор ба ҷазои интизомии шахсоне, ки айби онҳо дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шудааст ва дастур ба зарурати ҷуброни пурра аз тарафи давлат, аз ҷумла ҷуброни молиявии одилона ва комилан мутобиқ, пешниҳоди маблағ барои табобат ва офият.

2. Давлат таҳқиқи фаврӣ ва самараноки шикоятҳо ва хабарҳо дар бораи шиканҷа ё муносибати бераҳмонаро таъмин мекунад. Ҳатто ҳангоми мавҷуд набудани шикоятҳои равшан баёншуда таҳқиқ гузаронда мешавад, агар нишондодҳои дигар ба истифодаи имконпазири шиканҷа ё му-

носибати бераҳмона мавҷуд бошанд. Шахсони таҳқиқбаранда, ки бояд ба айбдоршавандагони эҳтимолӣ ва муассисаҳои ҷои кори худ вобаста набошанд, бояд салоҳиятнок ва беғараз бошанд. Онҳо ба экспертҳои беғарази тиббӣ ва дигар экспертҳо дастрасӣ доранд ё ҳуқуқ доранд, ки онҳоро ба гузарондани таҳқиқ ҷалб кунанд. Усулҳое, ки ҳангоми гузарондани чунин таҳқиқ истифода бурда мешаванд, бояд ба стандартҳои аз ҳама баланди касбӣ ҷавобгӯ бошанд, ки натиҷаҳои онҳо эълон карда мешаванд".

## **Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои ҷазо барои занҳои ҳуқуқвайронкунанда, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ вобастагӣ надоранд** (Қоидаҳои Бангкок)

(Қатъномаи АГ СММ аз 21 декабри соли 2010).

«

**"1. Принсипи асосӣ**

[Қоидаи 6-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагонро пурра мекунад]

**Қоидаи 1**

Бо мақсади татбиқи амалии принсипи ғайритаъиз, ки дар қоидаи 6-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагон дарҷ шудааст, ҳангоми татбиқи Қоидаҳо талаботҳои махсуси занони маҳбус ба инобат гирифта мешаванд. Ба назар гирифтани ин талаботҳо бо мақсади таъмини баробарии воқеии мардон ва занон табъиз шуморида намешавад.

**7. Бехатарӣ ва муҳофизат**

[Қоидаҳои 27–36-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагонро пурра мекунад]

b) Интизом ва ҷазо

[Қоидаҳои 27–32-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагонро пурра мекунад]

**Қоидаи 22.**

Ҷазоҳое, ки танҳо нигоҳ доштан ё дар изолятори ҷаримавӣ нигоҳ доштанро пешбинӣ мекунанд, нисбат ба занони ҳомила ва занони кӯдакони ширмакдошта, ки дар муассисаи ислоҳӣ қарор доранд, татбиқ карда намешаванд.

**Қоидаи 23.**

Танбеҳҳои интизомӣ нисбат ба занони маҳбус манъи алоқа бо оила, хусусан бо кӯдаконро пешбинӣ намекунанд.

c) Воситаҳои фурӯнишонӣ

[Қоидаҳои 33 ва 34-и Қоидаҳои стандартии минималии муносибат бо маҳкумшудагонро пурра мекунад]

**Қоидаи 24.**
Воситаҳои фурӯнишонӣ ҳеҷ гоҳ нисбат ба занон ҳангоми дарди таваллуд, таваллуд ва дарҳол баъди таваллуд истифода бурда намешаванд».

## Қоидаҳои стандартии минималии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо маҳкумшудагон
(Қоидаҳои Нелсон Мандела)

(Қатъномаи АГ СММ аз 17 декабри соли 2015).

**"Қоидаи 43.**

1. Ба ҳеҷ ваҷҳ маҳдудиятҳо ё танбеҳҳои интизомии баробар ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф татбиқ шуда наметавонанд. Хусусан, намудҳои зерини ҷазоҳоро манъ кардан лозим аст:
   a) ҳабси танҳо ба муҳлати номуайян;
   b) ҳабси танҳои тӯлонӣ;
   c) дар камераи бе рӯшноӣ ё камера бо рӯшноии доимӣ нигоҳ доштани маҳбус;
   d) ҷазои ҷисмонӣ ё кам кардани вояи хӯрок ё оби нӯшокии маҳбус;
   e) ҷазои коллективӣ.

2. Ҳеҷ гоҳ ба сифати чораи танбеҳ барои қоидавайронкуниҳои интизомӣ воситаҳои фурӯнишониро истифода бурдан мумкин нест.

3. Танбеҳҳои интизомӣ ё чораҳои маҳдудкунанда набояд манъи алоқа бо оиларо дар бар гиранд. Маҳдудиятҳо барои алоқа бо оила танҳо ба муҳлати кӯтоҳ ва танҳо, агар ин барои таъмини бехатарӣ ва тартибот лозим бошад, татбиқ шуда метавонанд.

**Қоидаи 111.**

1. Шахсоне, ки бо айбдорӣ дар содир кардани ҷиноят ҳабс шудаанд ё дар ҳабс қарор доранд ё дар шуъбаҳои политсия ё муассисаҳои ҳабсӣ (изоляторҳои тафтишотӣ) нигоҳ дошта мешаванд, вале ҳанӯз ба суд даъват ва маҳкум нашудаанд, дар қоидаҳои зерин маҳбусони "тафтишшаванда" номида мешаванд.

2. Маҳбусони тафтишшаванда бегуноҳ шуморида мешаванд ва бо онҳо ба таври дахлдор муносибат кардан лозим аст.

3. Бе зарар барои риояи меъёрҳои қонун вобаста ба ҳифзи озодиҳои шахс ё расмиёти таъиншудаи муносибат бо маҳбусони тафтишшаванда нисбат ба ин маҳбусон режими махсусро татбиқ кардан лозим аст, ки он дар қоидаҳои зерин баён мешавад ва танҳо талаботҳои асосии ин режим дар поён шарҳ дода мешавад".

# Фасли 2.

Санадҳои миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

Баҳодиҳии (бандубасти) ҳуқуқӣ-ҷиноӣ амалҳои шахсоне, ки дар содир кардани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф айбдор дониста мешаванд



# Конститутсияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 6 ноябри соли 1994.

Дар ҳуқуқи (қонунгузории) амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи истифодаи шиканҷа, пеш аз ҳама,

**дар Боби 2**

**"Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд"** пешбинӣ шудааст. Чунончӣ, дар моддаи 18-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст".

**Дар муқовимат ба шиканҷа дар низоми адолати судии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли пештара, мавқеи назаррасро қонуни ҷиноятӣ ишғол мекунад.**

## Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21 майи соли 1998.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида тахти рақами 143-1 пешбинӣ шудааст, ки он барои шиканҷа ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунад. Ин модда дар Боби 19-и Кодекси ҷиноятӣ "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд" ҷойгир шудааст. Бо ин модда бештар арзиши муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо меъёрҳои он ҳимоя карда мешаванд, шарҳ дода мешавад: инсон, ҳаёти ӯ, ҳуқуқҳо ва озодиҳо.

**Илова бар ин, таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа танҳо дар шакли тафтишоти пешакӣ гузаронда шуда, ба тобеияти тафтишотии истисноии муфаттишони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад** (ниг. ба қисми 2 моддаи 161 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ таркибҳои одӣ (қисми 1), бандубастшуда (қисми 2), махсус бандубастшудаи (қисми 3) ҳамин ҷиноятро дар бар мегирад:

**"Моддаи 143(1). Шиканҷа.**

1) Қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси тахти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст,

– бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мухлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мухлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:
а) такроран;
б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;
в) нисбати зане, ки ҳомиладории ӯ барои гунаҳгор аён аст ё шахси баръало ноболиғ ё нисбати маъюб;
г) бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ содир шуда бошад,
– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мухлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.
3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:
а) бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир шуда бошанд;
б) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё боиси дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд,
– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати аз даҳ то понздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд».

**Аз нуқтаи назари моддаи 18-и Кодекси ҷиноятӣ** "Категорияҳои ҷиноят", кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои вазнин эътироф мешаванд (қисми 4 моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ).

Ҳол он ки ба аломатҳои бандубаст, ки дар қисми 3 моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ қайд шудаанд, қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноятҳои вазнин баҳо медиҳад. Ҷиноятҳои махсусан вазнин, омадааст дар қисми 5 моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ, кирдорҳои қасдона эътироф карда мешаванд, ки барои содир кардани онҳо Кодекс ҷазо дар намуди аз озодӣ маҳрум кардан ба мухлати зиёда аз дувоздаҳ сол ё ҷазои қатлро пешбинӣ мекунад.

**Хавфи ҷамъиятии ин ҷиноят** аз сӯиқасд ба дахлнопазирии шахс, манъи шиканҷа, бераҳмӣ ва муносибати ғайриинсонӣ, ки дар моддаи 18-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 1999 кафолат дода шудаанд, аз ҷумла манъи дар инсон гузарондани озмоишҳои маҷбурии тиббӣ ва илмӣ иборат аст.

Бинобар ин, **объекти ин ҷиноят** муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи конститутсионӣ ба дахлнопазирии шахс, аз ҷумла ҳимоя аз шиканҷа, инчунин ҳимояи саломатии инсон мебошад, ки ба сабаби татбиқи шиканҷа нисбат ба инсон вайрон карда мешавад.

**Ҳол он ки ҷиҳати объективии кирдор** аз расондани азоби ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ ба инсон иборат аст. Бинобар ин, таркиби ҷиноят зоҳирӣ буда, кирдор аз лаҳзае, ки ҳаракат ё беҳаракатӣ барои ноил шудан ба ин ҷинояти пешбининамудаи қисми 1 моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ ҷой дошт, хотимаёфта шуморида мешавад.

**Ҷиҳати субъективии ҷиноят,** бинобар хусусияти он, ҳамеша бо қасди бевосита тавсиф мешавад. Ба ин ҳолат, пеш аз ҳама, ҳадафҳои содир кардани ин ҷиноят, ки дар қисми 1 моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ нишон дода шудаанд, ишора мекунанд.

**Субъекти ҷинояти баррасишаванда** шахси воқеии мукаллаф буда, ба синни 16 расидааст. Қонуни ҷиноятӣ дар ин масъала бевосита ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, шахсони мансабдори дигар мақомотҳои давлатӣ, инчунин ба дигар шахсоне, ки ба синни 16 расидаанд ва шахсони мансабдор будани

онҳо ҳатмӣ нест, ишора мекунад. Дар ҳолати охирин, масалан, ҳамутоқони шахси шиканҷашаванда, яъне шахсоне, ки аз рӯи дигар парвандаҳои ҷиноятӣ тахти тафтиш қарор доранд ё аз тарафи шахси мансабдори таҳқиқкунандаи парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади ғайриқонунӣ таъсир расондан ба шахси шиканҷашаванда махсус ҷой дода шудаанд.

Шиканҷаро ба маънои моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ аз дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф фарқ кардан лозим аст.

Дар ин масъала фарқ дар ҳадафҳои ин ҷиноят, шиддатнокӣ ва оқибатҳои истифодаи он зоҳир мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки меъёрҳои моддаи 143-1 Кодекси ҷиноятӣ ба сифати намудҳои алоҳидаи ҷиноят, моҳиятан, ҳолатҳоро вобаста ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф фаро намегиранд.

Аз ин ҷиҳат қонунгузории Қазоқистон, ки таркиби меъёрҳои моддаи 146 Кодекси ҷиноятӣ "Шиканҷа"-ро ба меъёрҳои Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа дар таҳрири қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 17 марти соли 2023 мутобиқ гардонд, намунаи ибрат аст.

Моддаи 146 Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Қазоқистон акнун "Муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, шиканҷа" номида мешавад.

Аслан, таҳрири меъёрҳои моддаи 146 Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Қазоқистон чунин аст:

"1. Муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, яъне қасдан расондани азоби ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки ба сифати расмӣ баромад мекунад ё шахси дигар бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ҳангоми набудани аломатҳои шиканҷа, содир шудааст, –
*бо ҷарима ба андозаи то ду ҳазор нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба ҳамон андоза ё бо ҷалбкунӣ ба корҳои ҷамъиятӣ ба муҳлати то шашсад соат ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё аз озодӣ маҳрум кардан ба ҳамон муҳлат, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то ду сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.*

2. Шиканҷа, яъне қасдан расонидани азоби ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси тахти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз асос ёфтааст, содир шудааст, –
*бо ҷарима ба андозаи то панҷ ҳазор нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба ҳамон андоза ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то шаш сол ё аз озодӣ маҳрум кардан ба ҳамон муҳлат, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.*

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар: 1) аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; 2) такроран; 3) бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ; 4) нисбати зане, ки ҳомиладории ӯ барои гунаҳгор аён аст ё ноболиғ содир шудааст, - бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз чор то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.
4. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум,

дуюм ё сеюми ҳамин модда, ки ба расондани зарари вазнин ба саломатӣ ё аз беэҳтиётӣ ба фавти ҷабрдида оварда расондаанд, - бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

**Эзоҳ.**

1. Азоби ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки дар натиҷаи амалҳои қонунии шахсони мансабдор ё шахсоне, ки ба сифати расмӣ баромад мекунанд ё шахсони дигар расонда шудаанд, муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф ва шиканҷа эътироф карда намешавад.

2. Шахсе, ки ба сифати расмӣ баромад мекунад, – шахсе, ки таҳти таърифи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият, ки дар ҳамин Кодекс истифода бурда мешавад, қарор намегирад, ваколатдор нисбат ба шахсони нигоҳдошташаванда, табобатшаванда, таълимгиранда ё тарбиягиранда дар асоси доимӣ, муваққатӣ ё давравӣ дар ташкилоте, ки бо он ин шахс муносибатҳои меҳнатӣ дорад, аз ҷумла: коргари муассисаи (ташкилоти) таълимӣ, тарбиявӣ, тиббӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ, педагог, инструктор, коргари тиббӣ, инчунин коргари шартномавӣ».

**Истинод.** Моддаи 146 - дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 17.03.2023 № 212-VII (пас аз шаст рӯзи тақвимӣ баъди нашри якуми расмии он мавриди амал қарор дода мешавад).

## **Кодекси мурофиаи ҷиноятии** Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009.

Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифодаи шиканҷаро манъ мекунад.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 10 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад таҳти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гирад.

Дар асоси қисми 1 моддаи 88 (1) Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, далелҳо ғайриқобили қабул ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ гирифта шуда бошанд.

Товони зараре, ки ба шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ расонида шудааст, бояд тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнида шавад (қисми 2 моддаи 12 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

## Кодекси мадании
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022.

> "**Моддаи 1196.** Ҷавобгарӣ барои зараре, ки бо амали ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд расонда шудааст.
>
> 1. Зарари дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирӣ истифода бурдани ба ҳабс гирифтан ё забонхат барои аз маҳалли истиқомат нарафтан, **шиканҷа**, муносибат ва ҷазои ғайриқонунии таҳқиркунандаи шаъну шараф ё эътибори корӣ, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё маҳрум намудан аз ҳуқуқи махсус ба шахси воқеӣ расонда шуда, инчунин зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ боздоштани амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намуди муайяни фаъолият ё боздошти ғайриқонунии намуди муайяни фаъолияти шахси ҳуқуқӣ расонда шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд аз ҳисоби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад ... ".

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ уҳдадор аст, ки ба қурбонии шиканҷа ҳуқуқи ӯро ба пешниҳоди даъво дар бораи ҷуброни зарари молумулкӣ ва маънавӣ ва тартиби пешниҳоди чунин даъворо фаҳмонад.

Дар маҷмуъ, масъалаҳои ҷуброни зарари маънавӣ ва моддӣ ба қурбониёни шиканҷа дар моддаҳои 15, 171 ва дигар моддаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар меъёрҳои Боби 47 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, дар ин масъалаҳо қарори Пленуми Суди Олӣ аз 25 июни соли 2012 "Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа" қабул гардид, ки дар он тартиби ситонидани зарарҳои моддӣ ва маънавӣ, тартиби пешниҳоди шикоят дар ҳолати ошкор шудани шиканҷа ба судҳо фаҳмонда шудааст. Дар солҳои 2014–2015 аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон товонҳо барои зарари маънавӣ аз рӯи 4 парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба истифодаи шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона таъин карда шудаанд.

## Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001.

> **Моддаи 10-и Кодекс пешбинӣ мекунад:**
>
> "1. Дар рафти иҷрои ҷазо нисбат ба маҳкумшуда маҳдудиятҳои ҳадди ақалли ҳуқуқ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо зарур ва кофӣ мебошанд, истифода мешаванд.
>
> 2. Маҳкумшударо азобу шиканҷа додан ё нисбат ба ӯ муносибати бераҳмона ва ё ғайриинсонӣ кардан ё шаъну эътибори ӯро паст задан, таҳти тадқиқоти тиббӣ ё дигар тадқиқоти илмӣ, ки метавонад ҳаёт ва саломатии ӯро таҳти хатар гузорад, ҳатто бо розигии ӯ қарор додан қатъиян манъ аст".

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
"Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда".

«

**"Моддаи 3. Мақсадҳои дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда**

1. Дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда (минбаъд - дар ҳабс нигоҳ доштан) бо мақсадҳои пешбининамудаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.
2. Дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда набояд ба мақсадҳои расонидани азобу шиканҷа ва ё зарари ҷисмониву маънавӣ истифода карда шавад.

**Моддаи 4. Принсипҳои дар ҳабс нигоҳ доштан**

Дар ҳабс нигоҳ доштан мутобиқи принсипҳои қонуният, дахлнопазирии шахсият, эҳтимолияти бегуноҳӣ, баробарӣ дар назди қонун ва суд, башардӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи шахс амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 43. Истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус, силоҳи газнок ва оташфишон дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан**

Истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус, силоҳи газнок ва оташфишон аз тарафи кормандони ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан ё кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки барои таъмини ҳифзи тартибот ҷалб шудаанд, танҳо дар асос ва ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад".

## Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ки шарҳҳоро оид ба таҷрибаи судии тафсири шартҳо, асосҳо, паиҳамӣ ва тартиби ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷаро дар бар мегиранд, дар низоми санадҳои миллии ҳуқуқӣ дар масъалаҳои муқовимат ба шиканҷа мавқеи асосиро ишғол мекунанд:

- № 10 аз 23 декабри соли 2011 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад";
- № 1 аз 25 июни соли 2012 "Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба муқовимат ба шиканҷа".

# Фасли 3.

Иштироки адвокатҳо ҳамчун намояндагони ҷабрдидагон дар амалҳои мурофиавӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф



Мавзӯи марказии Роҳнамо инъикоси усулҳои кори адвокат ба сифати намояндаи ҷабрдида (қурбонӣ) аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аст.

**Пеш аз ҳама, адвокат бояд дар бораи салоҳият ва ваколати худ дар парвандаи ҷиноятӣ, ки ӯ дар он ба сифати намояндаи ҷабрдидаи (қурбонии) шиканҷа баромад мекунад, тасаввуроти возеҳ дошта бошад** (ниг. ба қисми 2 моддаи 42, қисми 4 моддаи 44, моддаи 45 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки намояндагони ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи шиканҷа инчунин адвокатҳо шуда метавонанд, ки онҳо бо қарори мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ барои иштирок иҷозат дода мешаванд. Ба ғайр аз ин, барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидагоне, ки ноболиғанд ё забони мурофиаи судиро намедонанд ё аз рӯи ҳолати ҷисмонӣ ё психикии худ аз имконияти мустақилона ҳимоя кардани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии худ маҳруманд, барои иштироки ҳатмӣ дар мурофиа намояндагони қонунӣ ва намояндагони онҳо ҷалб карда мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо ба сифати намояндаи ҷабрдида адвокате, ки аз тарафи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ интихоб шудааст, иҷозат дода мешавад. Дар ҳолати агар адвокат аз тарафи худи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ даъват нашуда бошад, иштироки адвокат аз тарафи мақомоти пешбарандаи мурофиаи судӣ бо роҳи қабули қароре, ки барои ташкилоти касбии адвокатҳо ё воҳиди сохтории он ҳатмӣ аст, таъмин карда мешавад. Мақомоти пешбарандаи мурофиаи судӣ ҳуқуқ надорад, ки ба сифати ҳимоятгар даъват кардани адвокати мушаххасро тавсия диҳад. Пардохти ҳаққи кори адвокат, дар ҳолати маблағ надоштани ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ, аз ҳисоби маблағҳои буҷет бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Илова бар ин, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида, даъвогари маданӣ баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд, ҳуқуқҳои мурофиавиро дар ҳадди пешбининамудаи ҳамин Кодекс истифода мебаранд. Одатан намояндаи ҷабрдида, даъвогари маданӣ ҳуқуқ надорад, ки ягон амалро бар хилофи манфиатҳои иштирокчии мурофиа, ки ӯро намояндагӣ мекунад, анҷом диҳад. Иштироки шахсии ҷабрдида, даъвогари маданӣ дар баррасии парванда онҳоро аз ҳуқуқи доштани намояндаи худ аз рӯи ин парванда маҳрум намесозад.

Бешубҳа, ҳимояи самараноки ҷабрдида аз тарафи адвокат аз ӯ хуб донистани ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шахсеро, ки ӯ намояндагӣ мекунад, талаб менамояд. Ин ба адвокат ҳамчун ба намояндаи ҷабрдида (шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ) имкон медиҳад, ки ҳолати ҳуқуқии умумӣ, махсус, инфиродии ӯро дар ҷараёни ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ то қадри имкон самаранок истифода барад.

Ҳамин тавр, агар далели ҷиноятe, ки дар маводи парвандаи ҷиноятӣ сабт шудааст, аён бошад, маълум ё номаълум будани субъекти он аҳамият надорад, илова бар ин, пайдоиши чунин иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди ҷабрдида, объективӣ аст, чунки бо ҳамагуна кирдор ҳамеша ба ягон нафар зарар расонда мешавад. Кирдорҳо одатан "безарар" намешаванд. Бинобар ин, далелҳои айбдоркунӣ ҳамзамон ҳамчун далелҳои дар пар-

вандаҳои ҷиноятӣ пайдо шудани ҷабрдида аз рӯи парвандаҳо бар зидди шиканҷа истифода бурда мешаванд. Аз ин бармеояд, ки ҷабрдида симои калидии мурофиавӣ буда, нисбат ба шахсияти худ муносибати дақиқи ҳам мақомоти пешбарандаи мурофиави ҷиноятӣ ва ҳам дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро талаб мекунад.

Айнан ҳамин ҳолат талаб кард, ки дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи умумии алоҳида ба субъекти ҳуқуқ будани ҷабрдида аз ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ё кирдоре, ки аз тарафи шахси номукаллаф содир карда шудааст, бахшида шавад (ниг. ба моддаи 42-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Меъёрҳои ин модда се намуди зарари бо ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба ҷабрдида расондашавандаро фарқ мекунанд, ки онҳо дар баробар ё дар мувофиқа бо зарарҳои зерин фаро расида метавонанд: маънавӣ, ҷисмонӣ, молумулкӣ; маънавӣ ва молумулкӣ; маънавӣ ва ҷисмонӣ; ҷисмонӣ ва молумулкӣ; маънавӣ.

Барои ҷабрдида эътироф кардани шахс ҳаҷми муайяни далелҳоро, ки дар маводи парвандаи ҷиноятӣ сабт шудаанд, дар ихтиёр доштан лозим аст. Маълумотҳо дар бораи ин шахс, хусусият ва андозаи зарарро аризаҳо ё хабарҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, инчунин протоколҳои амалҳои таъҷилии мурофиавӣ дар бар гирифта метавонанд, аз ҷумла: дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршаванда, пурсишҳои шоҳидон, азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ғ. Танҳо баъди ҷамъоварии далелҳо бо мазмуни зарурӣ ва аниқ ишоракунанда ба шахсе, ки бояд ҷабрдида эътироф карда шавад, инчунин қабули қарор дар бораи ҷабрдида эътироф кардани ӯ, ин шахс ҳуқуқҳои мурофиаро соҳиб мешавад ва уҳдадориҳои мурофиавӣ ба зиммаи ӯ гузошта мешаванд. Ҳангоми қабули қарор ба ҷабрдида ҳатман ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ӯ фаҳмонда мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба гирифтани ёрии тахассусии ҳуқуқӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ройгон гирифтани он.

Бешубҳа, қабули қарор дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахс ва фаҳмондани субъекти ҳуқуқ будани ӯ бо мақсади татбиқи пурра ва саривақтии он бояд фавран анҷом дода шавад.

Дар қарор дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахс бояд нишон дода шавад, ки кадом зарар ба ӯ расонда шудааст. Ҳангоми расондани якчанд намудҳои зарар ин ҳолат бояд дар қарор инъикос карда шавад.

Мавзӯъро бо саволи "кӣ ҷабрдида эътироф шуда метавонад" давом дода, ба назар гирифтан лозим аст, ки шахсе ҷабрдида эътироф карда мешавад, ки ба ӯ зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё молумулкӣ бо кирдори хавфноки ҷамъиятӣ бевосита расонда шудааст, новобаста ба он ки шахси содиркунандаи ин кирдор муайян ва ҷавобгарӣ кашида шудааст ё не. Аз рӯи парвандаҳо дар бораи ҷинояти нотамом (тайёрӣ ба ҷиноят, сӯиқасди ҷиноят) шахс ҳангоми амалан расондани зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё молумулкӣ ҷабрдида эътироф карда мешавад. Шахс ҷабрдида эътироф карда намешавад, агар зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё молумулкӣ дар натиҷаи розигии ихтиёрӣ ба расондани зарар фаро расида бошад (масалан, дар ҳолати муроҷиат ба сабаби исқоти ҷиноятии ҳамл, ҳангоми додани пора ва ғ.). Ҷалби таваҷҷуҳ ба ин масъалаҳо хеле зарур аст, чунки дар рафти пешбурди парванда пайдо шудани асосҳое маълум шуда метавонад, ки бекор кардани қарори пештар қабулшуда дар бораи ҷабрдидаи кирдори хавфноки ҷамъиятӣ эътироф кардани шахсро талаб мекунанд. Масалан, чунин тасдиқ, ки зарар ҳангоми тайёрӣ ба ҷиноят ё сӯиқасди ҷиноят мумкин расонда нашавад (ки баҳсталаб аст), амалан ба ин маъност, ки аз рӯи чунин парвандаҳо ҷабрдида нест ва ҷабрдидаи эҳтимолӣ дар чунин парвандаҳо ба сифати шоҳид иштирок мекунад. Тасодуфӣ нест, ки ба ин мавзӯъ дахолат карда, судҳо ҳамеша ба исботи дар чунин парвандаҳо мавҷуд будани зарари воқеӣ дар ҳама-

гуна намуди он таваҷҷуҳро ҷалб мекунанд.

Ба маънои васеъ ҷабрдидаи ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ на танҳо шахсе эътироф шуда метавонад, ки ба ӯ бо кирдори хавфноки ҷамъиятӣ зарар расонда шудааст. Дар амалияи суд дигар ҳолатҳои аз рӯи парванда ҷабрдида эътироф шудани шахс ишора шудаанд. Масалан, аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, ки оқибати онҳо вафоти инсон аст, ҳуқуқи бо қонун пешбинишудаи ҷабрдидаро хешовандони наздики ӯ, ҳамсар (шавҳар), фарзандхондкунандагон, фарзандхондшавандагон соҳиб мешаванд, ки яке аз онҳо бо назардошти маслиҳати байниҳамдигарӣ на намояндаи ҷабрдида, балки ҷабрдида эътироф карда мешавад. Агар ба гирифтани ҳуқуқи ҷабрдида якчанд нафар аз шахсони номбаршуда исрор варзанд, онҳо ҷабрдидагон эътироф шуда метавонанд. Аз рӯи парвандаҳо дар бораи куштори қасдона, ки дар ҳузури шахсони наздики шахси ҳалокшуда содир шудааст, ин шахсон бояд ҷабрдидагон эътироф карда шаванд.

Дар ҳолати вафоти ҷабрдида ва ҳангоми хешовандони наздик, ҳамсар (шавҳар), фарзандхондкунандагон, фарзандхондшавандагон надоштани ӯ, ҳуқуқҳои ӯро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ васиён, парасторон, намояндагони муассисаҳо, ташкилотҳо ё шахсоне, ки ҷабрдида дар парасторӣ ё таъминоти онҳо қарор дошт, муаррифӣ карда метавонанд.

Одатан ҷабрдида эътироф кардани шахс аз рӯи парванда дар як вақт ё баъди чунин амал ба даъвогари маданӣ эътироф кардани ӯ сабаб мешавад, чунки ҳуқуқ ба пешниҳоди даъвои маданӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ба ҳаҷми умумии ҳуқуқҳои ҷабрдида дохил мешавад. Вобаста ба ин сабаб қарори алоҳидаи мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ бо фаҳмондани ҳаҷми ҳуқуқҳои даъвогари маданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад.

Ҷабрдидае, ки дар бораи ҷуброни зарари моддӣ, аз ҷумла расондани зарар бинобар аз даст додани саробон, маъюбӣ ё дигар зарар ба саломатӣ, дар бораи хароҷоти дафн, дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ дар шакли пулӣ ва ғайрипулӣ талаб пешниҳод кардааст, бояд даъвогари маданӣ низ эътироф карда шавад. Ҷабрдидае, ки даъвогари маданӣ эътироф карда шудааст, ҳуқуқ дорад, ки дар музокироти судӣ бо ҳуқуқҳои даъвогари маданӣ иштирок кунад, новобаста ба иштироки адвокат ва прокурор дар парванда.

Агар шахс даъво пешниҳод накарда бошад, вале бо маводи парванда расондани зарар ба ӯ амалан исбот карда шавад, суд уҳдадор аст, ки ҳангоми баровардани ҳукм ҷуброншаванда будан ё набудани зарари молумулкии бо ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба ӯ расондашударо муҳокима кунад. Дар ҳолати ҳалли мусбати ин масъала, суд ҳуқуқи ҷабрдидаро ба қонеъ кардани даъво бо тартиби мурофиаи судии маданӣ эътироф мекунад.

Ба ҳуқуқи гирифтани ҷуброни хароҷоти ҷабрдида бинобар иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла хароҷот барои намоянда алоҳида ишора кардан лозим аст.

Ин хароҷот асосан ба зиммаи давлат (буҷети ҷумҳуриявӣ) гузошта мешавад. Ҳамаи хароҷоти қонуниро ҳангоми пешбурди парвандаи ҷабрдида давлат пардохт мекунад.

Ҷабрдида ё дигар шахсро аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ даъвогари маданӣ эътироф кардан ба онҳо барои гирифтани ҷуброни молумулкӣ ва илователан ҷуброни зарари маънавӣ дар шакли пулӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ ё маданӣ имкон фароҳам меорад.

Ҳуқуқҳои калидӣ ва ҳамзамон ҳуқуқҳои мушаххаси ҷабрдида ҳуқуқҳои зеринро дар бар мегиранд, ки шарҳи онҳо дар поён оварда мешавад.

Аз ҷумла, ҳуқуқҳои ҷабрдида ба:

– пешниҳоди далелҳо;
- шахсан ё аз тарафи намояндаи ӯ гирифтани нусхаҳои қарор дар бораи гумонбаршаванда, айбдоршаванда эътироф кардани шахс, қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои сафеднакунандаи шахс, нусхаҳои фикри айбдоркунӣ, қарор дар бораи таъини муҳокимаи асосии судӣ, ҳукми айбдоркунии суд ва дигар қарорҳои суд аз рӯи парванда, ки дар онҳо ҳаҷми айбдорӣ сабт шудааст. Ин барои он лозим аст, ки ҷабрдида ҳаҷми гумон ва айбро бо мақсади ҳимояи пурраи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худ дар парванда донад;
- ҳуқуқи истифодаи забони модарӣ ё забоне, ки ӯ медонад, ё истифода аз хизматҳои тарҷумон ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ки ин барои бекоркунии бешубҳаи ҳукм асос мешавад;
- ҳуқуқи иштирокчии фаъоли ҷараёни исботкунӣ будан дар тамоми муддати пешбурди парванда: ҳуқуқи додани нишондод, пешниҳоди маълумотҳо, предметҳо, ҳуҷҷатҳое, ки ба парванда алоқаманданд, иштирок дар таҳқиқи далелҳо дар суди марҳилаҳои якум ва апеллятсионӣ, баромад кардан дар музокироти судӣ ва ғ.;
- ҳуқуқи шахсан ё ба воситаи намоянда арз кардани дархост ё эътироз аз рӯи асосҳои дар қонун нишондодашуда;
- ҳуқуқи аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ба сифати намояндаи худ доштани адвокат ва дигар шахсоне, ки мувофиқи қонун дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи муаррифии манфиатҳои қонунии ҷабрдида, даъвогари маданиро доранд ва бо қарори мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ барои иштирок иҷозат дода шудаанд;
- ҳуқуқ ба баргардондани молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ҷабрдида, ки бинобар пешбурди парванда (мусодира) қонуниянд ва бинобар содир кардани ҷиноят нисбат ба ӯ ғайриқонуниянд, аз соҳибияти ӯ хориҷ шудаанд ва дар ҳама ҳолатҳо ба ӯ баргардонда мешаванд;
- ҳуқуқ ба ҳамаи ҳолатҳои иштироки ӯ дар амалҳои тафтишотӣ (пурсиш, рӯбарӯкунӣ, пешниҳод барои шиносоӣ ва ғ.) ва комилан мантиқист, ки то имзои протоколҳои амалҳои тафтишотӣ бо мазмуни онҳо шинос шудан ва ба онҳо эродҳо пешниҳод кардан;
- ҳуқуқ ба иштироки фаъол дар ҷараёни тафтишоти судӣ ва музокироти судии тарафҳо;
- ҳуқуқ ба ҳифзи маълумотҳо дар бораи ҳаёти шахсӣ, ба пешгирии амалҳои зиддиҳуқуқии шахсони айбдор нисбат ба ӯ. Бинобар ин, манъи наздик шудани гумонбаршаванда ба ҷабрдида ва аъзоёни оилаи ӯро, ҳамчун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ, ба сифати яке аз чораҳои таъмини бехатарии ин шахсон дар мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ кардан лозим аст;
- ҳуқуқ ба гирифтани рӯйхати муайяни қарорҳои асосии тосудӣ ва судию мурофиавӣ аз рӯи парванда, ки ба ҳуқуқҳои ҷабрдида алоқаманд буда, ба ӯ бо забоне, ки ӯ медонад, дар марҳилаи дахлдори мурофиаи ҷиноятӣ супорида мешаванд. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳо ва дар даст доштани қарорҳои мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунад;
- ҳуқуқи иштироки шахсӣ дар марҳилаҳои дахлдори суд ва ҳуқуқи баромад кардан;
- ҳуқуқи ба назар гирифтани фикри ӯ дар мавриди исбот шудани ҳолатҳое, ки аз рӯи парванда муайян карда мешаванд, айби шахс дар содир кардани ҷиноят, бандубасти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, намуд ва андозаи ҷазои ҷиноятӣ. Ин мавқеъро ҷабрдида то ба суд ва ба тарафҳо дар ҷараёни додани нишондод дар тафтишоти судӣ ва баромад дар музокироти судӣ дар муҳокимаи асосии судӣ бурда мерасонад;
- ҳуқуқи хабардор шудан аз ҷараён, мазмун ва

натиҷаҳои мурофиаи судӣ аз рӯи протоколи он, ки дар он ҳамаи амалҳо ва қарорҳои суд аз рӯи парвандаи баррасишаванда, инчунин амалҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ сабт карда мешаванд. Бинобар ин, ҷабрдида ҳуқуқи имзо дар қисми дахлдори он ва ҳуқуқи пешниҳоди эътироз нисбат ба онро дорад. Зиёда аз ин, маълумотҳо аз протоколи маҷлиси суд аз тарафи ҷабрдида ҳангоми шикоят кардани ҳукм ва қарори суд бо тартиби муқарраргардидаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда метавонанд;

- ҳуқуқи маълумот гирифтан аз мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ дар бораи шикоятҳо, дархостҳо ва эътирозҳои прокурор аз рӯи парванда барои шахсан ё ба воситаи намоянда ё бо истифодаи ваколатҳои мақомоти пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ ҳимоя ба амал баровардани ҳимоя;
- ҳуқуқи эътироз бар зидди қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои сафеднакунандаи шахс, инчунин ҳуқуқи ҷабрдида ё намояндаи ӯ ба иштирок дар суд ҳангоми ҳалли масъалаи шартан пеш аз мӯҳлат озод кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо ё иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ба ҷазои сабуктар ва ғ.

Ҳамин тавр, пурра донистани субъекти ҳуқуқ будани ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа захираи иловагии ҳуқуқӣ буда, он ба ҳимояи самараноки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ӯ аз тарафи адвокат ҳамчун намояндаи ӯ мусоидат мекунад.

Аслан, алоқаҳои ҳуқуқии адвокат бо ҷабрдидаи эҳтимолӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа, якум, ҳангоми қабули шахсии ӯ ё дигар алоқаи шахсӣ бо адвокате, ки ҷабрдидаи эҳтимолӣ ба ӯ муроҷиат кардааст, ба вуҷуд меоянд. Дар чунин ҳолати амалӣ, дар ҷараёни машварати ҳуқуқӣ вазифаи адвокат аз он иборат аст, ки ба ин шахс маҷмуи пурраи ҳуқуқи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар масъалаҳои муқовимат ба шиканҷа, аз ҷумла субъектҳои ин фаъолиятро дар ҷомеа ва давлат нишон диҳад.

Айнан дар ҳамин марҳилаи муошрати адвокат бо қурбонии эҳтимолии шиканҷа уҳдадории ҳуқуқӣ ва ахлоқии адвокат ҷиҳати мусоидат ба ӯ барои тартиб додани матни ариза дар бораи амал ё амалҳои нисбат ба ӯ содиршудаи шиканҷа пайдо мешавад.

Тартиб додани ариза дар бораи оғози таъқиби ҷиноятии шахсони дар шиканҷа айбдор аз адвокат нишон додани дақиқӣ, масъулият ва диққаткориро нисбат ба шахсе, ки ба ӯ муроҷиат кардааст, талаб мекунад. Зеро чунин шуда метавонад, ки ҳамин адвокат дар оянда ба сабабҳои гуногун субъекти ҳуқуқ будани ҷабрдида аз рӯи парвандаи ҷиноятиро, ки бо аризаи ӯ оғоз ёфта буд, намояндагӣ намекунад.

Бинобар ин, дар ин марҳилаи кор ҳамагуна адвокат бояд ба ҷабрдидаи шиканҷа барои дуруст ва асоснок тартиб додани ариза дар бораи нисбат ба ӯ содир шудани ҷиноят ёрӣ расонад. Ба назар гирад, ки мазмуни ариза мавзӯи нишондодҳои минбаъдаи ҳамин шахс аллакай ҳамчун ҷабрдида дар парвандаи ҷиноятии дахлдор мешавад. Дар аризаи қонунӣ ва асосноки ҷабрдидаи шиканҷа ба кадом ҷанбаҳо диққат дода, кадом ҷанбаҳоро инъикос кардан лозим аст.

Ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Аз номи сокини ______________________________
(вилоят, шаҳр, ноҳия)

____________________________________________
*(ном насаб ва номи падар)*
Телефон: +992 ______________________________

# А Р И З А

Санаи________2024 сол тахминан соатҳои 20:30 дақиқа ҳангоме, ки ман дар назди рафиқам бо номи ______________дар бинои _______ қарор доштам 5 нафар шахсони ба ман номаълум бо либосҳои шаҳрвандӣ ба назди ман омада худашонро муаррифӣ накарда маро дастгир намуда дар дастонам дастбанд (наручник) андохта зуран кашола карда ба назди автобомилашон тамғаи __________ рақами қайди давлатиаш ________, рангаш металик бо оинаҳои сиёҳ, бурдан мехостанд. Аммо ман сабаби дасгир карданашонро донистан мехостам. Амалҳои ман он шахсонро ба ғазаб оварда маро бо зарба ба пуштам заданд. Ҳамин тавр маро маҷбуран ба автомобил савор намуда ба бинои__________ дар ноҳияи _________ бурданд. Пасон ман фаҳмидам, ки онҳо кормандони бо номҳои _____________________ ва ду нафари дигар, ки номҳояшонро намедонам, аммо бинам мешиносам буданд. Ҳангоми ворид кардан ба бинои _____________ маро ҳамчун шахси дастгиршуда ба қайд нагирифтанд. Маро ба ошёнаи якум ба утоқи якум аз тарафи чапи даромадгоҳи бино даровbooарданд.

Аз ман талаб карданд, ки дар баёнотҳое, ки онҳо омода карда буданд имзо гузорам ва ба ман ваъда кардаанд, ки маро ҷавоб медиҳанд. Ман талаби онҳоро рад намудам, ки ин боиси хашми кормандони __________ гашт ва дар натиҷа маро мавриди лату куб шадид қарор доданд. Маро бо чубдаст ба қисми пушти баданам чандин маротиба зарба заданд, ба таги поям бо чубдаст мезаданд бо дастону пойҳояшон ба қисмати шикамам, пойҳоям ва руйям мезаданд. Аз дарду азоби зиёд ман ба замин афтода фарёд мезадам, ки онҳо бас кунанд. Аммо касе маро гуш намекард. Лату куби онҳо тақрибан 3-4 соат идома кард. Дар натиҷаи лату куби зиёд аз гуши чапи ман хун рехт ва аз ҳуш рафтам. Баъд аз ҳуш рафтани ман лату кубро бас карданд ва ба сару руйям об пошонда маро ба ҳуш оварданд. Баъд аз он, ки ба ҳуш омадам кормандони ____________такроран талаб карданд, ки дар баёнотҳо имзо гузорам. Ман такроран талаби онҳоро рад намудам ва дуюмбора зери лату куби шадид қарор гирифтам. Кор то дараҷаи расид, ки ман дигар тоқат карда натавонистам ва барои гузоштани имзо розигии худро додам. Ба ҳуҷҷатҳои омодакардаи онҳо имзо гузоштам ва ҳатто маро ба ҳуҷҷатҳо шинос накарданд. Ба ман ёрии тиббӣ нарасониданд.

Маро то санаи _________2024 сол, яъне_____ рӯз дар бинои _________дар дохили утоқҳо ва навбатдор нигоҳ доштанд. Ба ман хурок намедоданд, ба ҳоҷатхона рафтан иҷозат намедоданд. Тонҳо як ду маротиба маро об доданд.

Санаи ____________2024 сол, Маро ба Прокуратураи ноҳияи ________ бурданд. Моро дар Прокуратура тахминан аз соатҳои 16:00 то соатҳои 20:30 нигоҳ дошта пасон ҷавоб доданд. Ман аз экспертизаи тиббӣ судӣ гузаштам ва тибқи санади экспертизаи тиббӣ-судӣ №______________ аз

санаи ____________ 2024 сол, Ҷароҳатҳои ҷисмонии бадани ман дар намуди хуномосҳо ва рахнашавии бадиосебии пардаи таблӣ аз тарафи чап, мансуб ба зарари сабуки саломатӣ бо нишонаҳои кӯтоҳмуддат вайроншавии саломатӣ ва ё гум кардани қобилияти меҳнат на зиёда аз 21 рӯз таалуқ доранд. Сират ва сифати ҷароҳатҳои дар боло дарҷ гардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин ҷароҳатҳо аз таъсири ҷисмҳои сахту кунд шояд, ки санаи ______________ 2024 сол бардошта шуда бошанд.

Баъди гирифтани хулосаи экспертиза, ман ба Прокуратураи ноҳияи ________________ муроҷиат намудам. Чанде вақте нагузашта маро дар роҳ 2 нафар шахсони номаълум бо либосҳои шаҳрвандӣ ба наздам омада худро сардор ва муовини ______________________ муаррифӣ карда аз ман хостанд, ки рафта аризаамро пас гирам вагарна ҳолам аз ин ҳам бадтар мешавад.

Дар асоси моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳеҷ кас шиканҷа ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 10 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад таҳти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гирад.

Тибқи муқаррароти моддаи 145 КМҶ Ҷумҳурии  Тоҷикистон, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд дар бораи ҳама гуна ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда аризаю иттилоотро қабул ва баррасӣ намоянд. Ба аризадиҳанда дар бораи ба қайд гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят бо сабти номи шахсе, ки ариза ё иттилоотро қабул кардааст ва вақти ба қайд гирифтани он ҳуҷҷат дода мешавад.

Ҳамчунин тибқи муқаррароти қисми 5-7 моддаи мазкур, қарор оид ба ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят бояд дар мӯҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани баёноти иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса ин мӯҳлатро то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад. Дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани ҷиноят мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ё прокурор яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад: - дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ; - дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ; - дар бораи аз рӯи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот. Оид ба қарори нисбат ба ариза ё иттилооти қабулшуда ба шахс, корхона, муассиса, ташкилот ё шахси мансабдоре, ки аз онҳо ариза ё иттилоот расидааст, хабар дода, ба онҳо ҳуқуқи шикоят кардан аз қарор фаҳмонда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки нисбати кирдорҳои ғайриқонунии кормандони ________________ дар ноҳияи ___________ баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода, нисбати гунаҳгорон дар асоси қонунгузории амалкунанда чораҳои қонунӣ андешида шуда номбурдагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Аризаи мазкур аз суханони ман дуруст чоп карда шудааст ва дурустии онро ба имзо шахсиам тасдиқ менамоям.

Замима: *Нусхаи шаҳодатгардонии тиббӣ-судӣ, 1 адад фитта, расмҳои бадан, нусхаи шиноснома.*

Аризадиҳанда: ________________________________

Санаи: ________________________________________

Ба сифати **дуюм асоси** муҳими пайдоиши алоқаҳои доимии воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин иштироки адвокат дар парвандаи ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа, расман аз тарафи ҷабрдидаи шиканҷа ё дигар субъекти тарафи ӯ ба сифати намоянда дар мурофиаи ҷиноятӣ даъват шудани адвокат ба шумор меравад. Ин ба зиммаи адвокат функсияи иштироки доимӣ ва паиҳами ӯро дар парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун намоянда бо роҳи пешниҳоди дархостҳо, шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қурбониёни шиканҷа дар парвандаи ҷиноятӣ мегузорад.

**Бинобар ин, ба адвокат ҳамчун намоянда, пеш аз ҳама, донистани хусусиятҳои пурсиши ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа муҳим аст** (моддаи 199 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Сифати пурсиши ҷабрдида аз рӯи парвандаҳо дар бораи шиканҷа дар парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти махсус дорад. Ба асоснокии нишондодҳои ҷабрдида тактикаи иштироки адвокат ҳангоми гузарондани дигар амалҳои тафтишотии зарурӣ аз рӯи ин намуди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳам дар рафти тафтишоти тосудӣ ва ҳам дар суд вобастагӣ дорад, аз ҷумла аз тарафи ӯ асоснок кардани зарурати таъини намудҳои дахлдори экспертизаҳои судӣ. Инчунин арз кардани дархост дар бораи гузарондани пурсишҳои иловагӣ ва такрории ҷабрдида имконпазир аст. Бинобар ин, иштироки адвокат дар пурсиши ҷабрдида бояд аз тарафи муфаттиш ҷиддӣ ба нақша гирифта шавад, чунки адвокат баъди аз тарафи муфаттиш гирифтани нишондодҳои ҷабрдида ҳуқуқ дорад, ки ба ҷабрдида саволҳои иловагӣ ва нишондодҳои ӯро аниқкунанда дода метавонад. Таҷрибаи пурсишҳои шоҳидон аз рӯи ин намуди парвандаҳои ҷиноятӣ тартиб доданидоираи саволҳоеро имконпазир мегардонад, ки ҷавобҳо ба ин саволҳо бояд аз тарафи муфаттиш бо иштироки ҳатмии адвокати (намояндаи) ҷабрдидаи шиканҷа гирифта шаванд.

### Дар рафти пурсиши ҷабрдида одатан ҷавобҳои ҷабрдида ба саволҳои зерин бояд гирифта шаванд:

1) Кай ва чӣ тавр ӯ ба бинои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё бинои дигар оварда шуд?
2) Кадоме аз кормандони мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ӯро оварда, оё онҳо худро шинос карданд, оё онҳо ба ӯ якум ҳуқуқҳои мурофиавиро ҳамчун ба гумонбаршавандаи эҳтимолӣ фаҳмонданд, оё онҳо либоси расмӣ доштанд ё либоси шаҳрвандӣ?
3) Оё ҳангоми овардан аз ҷои дастгиркунии воқеӣ нисбат ба ӯ зӯрӣ истифода бурда шуд, маҳз кадом намуди зӯрӣ, бевосита аз тарафи кӣ?
4) Оё ӯ кормандони мақомоти таъқиби ҷиноятиро пештар мешинохт, агар ҳа, пас дар дар кадом ҳолатҳо муошироти онҳо ҷой дошт?
5) Агар дар автомашина оварда бошанд, тамға, ранг, рақами бақайдгирии давлатии он, оё автомашина нишонаҳои махсуси қисми беруни кузов ё салон дошт?
6) Оё ӯ намуди берунии бинои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дигар ҷоеро, ки ӯро ба он ҷо оварданд, тасвир карда метавонад?

7) Маҳз дар кадом ҷой (ҷойҳо) ӯро нигоҳ доштанд ва шароитҳои будубош дар он ҷо чӣ гуна буданд (торик, сард, нафасгиркунанда)?

8) Оё ӯ нақшаи бинои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дигар биноро бо нишон додани хатсайри ҳаракат ва овардани худ кашида метавонад?

9) Чанд нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамроҳи ӯ дар кабинет, ҷои дигар буд, оё ӯ ҳар кадоми онҳоро тасвир карда метавонад:

- синну сол, қад, ранги мӯйҳо, ранг ва шакли чашмон, шакли бинӣ, абрӯ, лабҳо, гӯшҳо, намуди дандонҳо (ранг, мавҷудияти ғилофакҳо, чигунагии онҳо, набудани дандонҳо);
- дар рӯй ва дастон мавҷуд будани нишонаҳои махсус: доғҳои захм, холҳои модарзод, холкӯбиҳо (дар онҳо чӣ тасвир шудааст);
- нутқи онҳо: боадабона, дағалона, суръати оддӣ, таҳдидомез ва алфози қабеҳ, мавҷудияти калимаҳои туфайлӣ (калимаҳои такроршаванда), калимаҳо аз жаргони ҷинояткорон, ки истилоҳоти махсуси касбиро дар бар мегиранд;

10) Нақши ҳар як корманд аз чӣ иборат буд?

11) Онҳо ба ҳамдигар чӣ хел муроҷиат мекарданд, кадом номҳоро мегуфтанд, кӣ, ба фикри ӯ, роҳбар ё калони онҳо буд, барои чӣ ӯ чунин қарор баровард?

12) Бо кадом тарз зӯрии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ истифода бурда шуд (хомӯшона, дод мезаданд ё маҳз кадом калимаҳоро мегуфтанд)?

13) Кадом талаботҳоро мегузоштанд (гирифтани маълумот, иқроршавӣ ба содир кардани кирдор, ҷазо додан барои амал, маҷбур кардан ба даст кашидан аз содир кардани кирдор)?

14) Ӯро ба навиштани ариза ё имзо кардани ҳуҷҷат маҷбур карданд?

15) Оё таҳдидҳои шифоҳиро баён карданд (маҳз кадом таҳдидҳо, ному насаб, мансаби ягон нафарро гуфтанд), бо предметҳои бегона таҳдид карданд (бо корд, кастет, дубинка, силоҳи оташфишон, ҳалқадавак, халтаи селофанӣ, ниқоби зиддигазӣ ва ғ.), намуди зоҳирӣ, андоза ва ҳамагуна дигар аломатҳои онҳо?

16) Агар зарарҳои ҷисмонӣ расонда бошанд, механизми расондани онҳо чӣ гуна аст: зарбаҳо заданд (бо чӣ, ба кадом қисмҳои бадан, чанд маротиба); аз даст, гардан, либос доштанд, гарданро дар қати оринҷи даст доштанд, бо ангуштони дастон гарданро зер карданд, бо дигар предмет (маҳз кадом); дастонро ба пушт тоб доданд, бо дастон даҳонро бастанд, аз завлона, силоҳи оташфишон ё асбобҳои электрошок истифода burданд, ба батарея бастанд ва ғайра?

17) Оё муқовимат нишон дод ва чӣ гуна (зарба зада, худро раҳо кард), оё фарёд зада, ёрдам пурсид, оё дар бадан ё либоси корманд изҳои муқовимат боқӣ монда метавонистанд?

18) Дар лаҳзаи расондани зарбаҳо ё фишори равонӣ ба он ҷо шахсони бегона (посбонони қаторӣ, сержантҳо, навбатдор, шахсони мулкӣ) даромада буданд, оё ӯ онҳоро шинохта метавонад ва аз рӯи кадом аломатҳо?

19) Оё кормандон ӯро бо худ burданд, ягон ашёи либоси ӯро гирифтанд, маҳз кадом ашёро, он ҳозир дар куҷо аст?

20) Амалҳои якуми ӯ, баъди он ки ӯ мустақилона ҳаракат карда метавонист, кадомҳо буданд, оё барои ёрӣ ба ягон кас муроҷиат кард, дарҳол баъди рафтан аз бинои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё бинои дигар ӯ ба куҷо раҳсипор шуд (ба хона, ба назди хешовандон, шиносҳо, адвокатҳо, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои тиббӣ)?

21) Кадом оқибатҳо барои саломатӣ ё ҳолати рӯҳии ӯ ба сабаби ғайриқонунӣ нигоҳ доштан дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаро расиданд?

22) Оё то ғайриқонунӣ маҳдуд кардани озодии шахсии ӯ, инчунин нисбат ба ӯ истифода бурдани усулҳои ғайриқонунии муносибат саломатии ӯ ягон нуқсон дошт, кӣ нуқсон надоштани саломатияш, инчунин баъди таъсири ғайриқонунии эҳтимолӣ расондани зарар ба саломатии ӯро тасдиқ карда метавонад?
23) Дар бораи нисбат ба ӯ истифода шудани усулҳои ғайриқонунии таъсир ӯ ба кӣ нақл кард ва дар кадом ҳолатҳо?
24) Чаро ӯ дарҳол бо ариза ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накард?
25) Оё ба чораҳои бехатарии шахсӣ эҳтиёҷ дорад?

**Ба ҳар ҳол, масалан, ҳангоми рӯбарӯкунӣ бо гумонбаршаванда, айбдоршаванда** (моддаи 204 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ) **адвокате, ки дар парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун намояндаи ҷабрдида иштирок мекунад, ҳуқуқ дорад, ки ба воситаи муфаттиш аз гумонбаршаванда, айбдоршаванда саволҳои зеринро аниқ кунад:**

1) Оё субъекти ҷиноят ҷабрдидаро то овардан/дастгир кардан мешинохт?
2) Агар ҳа, кай онҳо шинос шуданд ва оё ҷабрдида ба ӯ муносибати ғаразнок дорад?
3) Бо кӣ, чӣ тавр ва дар кадом соат ҷабрдида ба бинои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё бинои дигар оварда шуд?
4) Оё ҷабрдида ҳангоми овардан/дастгир кардан муқовимат нишон дод?
5) Вақте ки нисбат ба ҷабрдида таъсири ғайриқонунӣ истифода бурда шуд, ӯ дар куҷо буд?
6) Дар ҷое, ки нисбат ба ҷабрдида таъсири ғайриқонунӣ истифода бурда шуд, набудани ӯро кӣ тасдиқ карда метавонад?
7) Оё ӯ нисбат ба ҷабрдида зӯрии ҷисмониро истифода бурд ё фишори равонӣ расонд?
8) Ӯ изҳои дар бадани ҷабрдида мавҷудбудаи латукӯбро чӣ тавр шарҳ дода метавонад?
9) Оё ҷабрдида ба сабаби муносибати ғаразнок ба ӯ туҳмат карда метавонад?
10) Оё пештар нисбат ба ӯ аз ҷабрдидагон шикоятҳо ворид шудаанд, ки ӯ нисбат ба онҳо аз усулҳои ғайриқонунии таҳқиқ истифода бурдааст?
11) Дар кадом асоси мурофиавӣ ӯ бо ҷабрдида кор бурд?

**Хусусияти муайян ҳангоми пурсидани шоҳидони айбдоркунӣ, ки адвокат пешниҳод кардааст, дар вақти аниқ кардани саволҳои зерин ҷой дорад:**

1) Кай, аз кӣ ва дар куҷо онҳо фаҳмиданд (хабардор шуданд), ки нисбат ба ҷабрдида шиканҷа, зӯрӣ, таҳдид, фиреб, инчунин дигар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ва муносибати бераҳмона истифода бурда шуданд?
2) Кадом зарарҳои ҷисмонӣ ё тамоюлҳои равониро онҳо дар ҷабрдида диданд ё мушоҳида карданд?
3) Оё дар бораи таъсири ғайриқонунӣ худи ҷабрдида нақл кард?
4) Шоҳид (ҳамутоқ, дигар шахсони овардашуда/дастгиршуда, хешовандон, шиносҳои наздик), ки нишондод доданд, ба ҷабрдида ё шахсони мансабдор ягон вобастагӣ доранд?

**Дар рафти пурсиши кормандони тиббии изолятори нигаҳдории муваққатӣ ё изолятори тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саволҳои зеринро аниқ кардан мумкин аст, ки ба ин адвокат бояд дар рафти шиносшавӣ бо ҳамаи маводи парвандаи ҷиноятӣ диққат диҳад:**

1) Кадом зарарҳоро дар бадан ё тамоюлҳои равониро дар рафтори ҷабрдида онҳо мушоҳида карданд?
2) Дар бораи зарарҳо дар бадан ё тамоюли равонӣ дар рафтори худ ҷабрдида чӣ гуфт?
3) Агар ҷабрдида рад кунад, ки зарарҳо дар бадан ё тамоюли равонӣ дар рафтори ӯ ба сабаби нисбат ба ӯ истифода шудани таъсири ғайриқонунӣ пайдо шудаанд, оё дар ин вақт шахсони мансабдор дар назди ӯ буданд?
4) Оё механизми пайдоиши изҳои зарарҳои ҷисмонӣ ва сабабҳои тамоюли равонӣ дар рафтори ҷабрдида ба ҳам мутобиқанд ва оё онҳо дар ҳолатҳои баёнкардаи онҳо ба вуҷуд омада метавонанд?

**Илова бар ин, дар рафти пурсиши шоҳидони тарафи ҳимоя дар тафтишоти судӣ ё ҳангоми рӯбарӯкунӣ бо ҷабрдида дар ҷараёни таҳқиқ, агар муайян карда шавад, ки онҳо нишондодҳои дурӯғ медиҳанд ё як қисми маълумотро пинҳон мекунанд, адвокат (намоянда) бояд аз усулҳои тактикие истифода барад, ки ҳангоми пурсиши гумонбаршаванда истифода бурда мешаванд.**

Аз ҷумла:

1) Оё дар лаҳзаи овардан/дастгир кардан ҷабрдида зарарҳои ҷисмонӣ ё дигар аломатҳои зарар ба саломатӣ дошт?
2) Агар ҳа, оё ин ҳолат дар рапорт сабт шудааст ва дар кадом ҳолатҳо мавҷуд будани ин аломатҳо муайян карда шуд?
3) Дар бораи дар ӯ мавҷуд будани зарарҳои ҷисмонӣ ҷабрдида чӣ гуфт?
4) Оё онҳо алибии гумонбаршавандагонро дар ин хусус, ки ҳангоми нисбат ба ҷабрдида истифода бурдани таъсири ғайриқонунӣ онҳо дар назди ӯ набуданд, тасдиқ карда метавонанд?
5) Ҷабрдида зарарҳои ҷисмониро ҳангоми дастгир кардан гирифтааст?
6) Оё пештар дар бораи нисбат ба ҷабрдида истифода шудани таъсири ғайриқонунӣ шикоятҳо ворид шуда буданд?

**Азназаргузаронии ҷои ҳодиса** (моддаҳои 182-183 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ) **дар парвандаҳои ҷиноятӣ бар зидди шиканҷа имкониятҳои зиёд фароҳам меорад, ки адвокати (намояндаи) ҷабрдида бояд ба сифати гузарондани он диққати махсус диҳад.**

Таъини азназаргузаронии ҷои ҷиноят аз ошкор кардани изҳои ҷиноят (хун, оби даҳон, намунаҳои дигар, заррачаҳои хурд, изҳои хурд, олати ҷиноят, қисми либос) иборат аст.

Мувофиқи мақсад аст, агар ҳангоми азназаргузаронӣ мутахассис-криминалист иштирок кунад, ки ӯ метавонад изҳои ҷиноятро ёфта, ин далелҳои шайъиро дуруст мусодира ва бандубаст кунад.

Предметҳое, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, мавзеъ ё бино ошкор шудаанд, ҳангоми гузарондани кофтуков, ёфта гирифтан, озмоиши тафтишӣ ё дигар амалҳои тафтишӣ мусодира шудаанд ё бо талаби шахси пешбарандаи таҳқиқи тосудӣ, ташкилотҳо ё шаҳрвандон пешниҳод шудаанд, алоҳида аз назар гузаронда мешаванд.

Таҷриба мувофиқи мақсад будани азназаргузаронии предметҳои алоҳидаро, ки пештар азназаргузаронӣ ва ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса мусодира шудаанд, нишон медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки камбудиҳои азназаргузаронии якум бартараф гардида, ҷузъиётҳое ошкор кард шавад, ки барои парванда аҳамият доранд ё ба пурра будани азназаргузаронии якум боварӣ ҳосил карда шавад. Азназаргузаронии далелҳои шайъиро дар вақти рӯзона гузарондан тавсия дода мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми азназаргузаронӣ ин ё он воситаҳои илмӣ-техникӣ истифода бурда мешаванд.

Барои иштирок дар азназаргузаронӣ баъзан мутахассисонро даъват кардан лозим аст. Дар рафти азназаргузаронӣ аломатҳоеро, ки ба таъинот ва хосияти предмет, номгӯй, мавод, шакл, андоза, тамға, рақам, навиштаҷот, дандона, тарқиш, зангзанӣ тавсиф медиҳанд ва аломатҳои дигар; ҳолати предмет ва қисмҳои он (хусусан ҳангоми азназаргузаронии силоҳ); дар предмет мавҷуд будани ягон хел изҳо ва аломатҳои хоси онҳо; мавҷудият ва хусусияти олудагиҳои гуногун – чанг, ифлосӣ, хун ва ғайраро ошкор карда, бодиққат омӯхтан лозим аст. Аломатҳои ошкоршуда бо усули баёнӣ ва фотографӣ муфассал сабт карда мешаванд.

### Таъини экспертизаҳои судӣ.

Аз рӯи парвандаҳо дар бораи шиканҷа бояд намудҳои гуногуни экспертизаҳои судӣ таъин карда шаванд (Боби 24 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ) ва ин ба мавзӯъ адвокат (намоянда) бояд диққати махсусан муҳим диҳад.

### Экспертизаи судӣ-тиббӣ

барои муайян кардани хусусият ва дараҷаи вазнинии зарар ба саломатӣ, инчунин ҳангоми гумон ба истифодаи зӯрӣ ё дар ҳолатҳое, ки ба зарурати таҳқиқи ҷасад бо тартиби судӣ-тиббӣ вобастаанд, таъин карда мешавад.

Саволҳо ба эксперт, аз ҷумла саволҳои адвокат то таъини чунин экспертиза:

1) Оё дар бадани аризадиҳанда (Н.Н.Н.) ягон хел зарарҳои ҷисмонӣ мавҷуданд?
2) Агар ҳа, дараҷаи вазнинӣ, механизми пайдоиш, мурури расондан, ҷойгиршавӣ ва хосиятҳои ин зарарҳо чӣ гунаанд?
3) Оё аз тарафи аризадиҳанда (Н.Н.Н.) гирифтани ин зарарҳо бо роҳи ба худ зараррасонӣ ё ҳангоми афтодан аз баландии қади худ имконпазир аст?
4) Оё гирифтани зарарҳои ҷисмонӣ дар ҳолатҳое, ки аризадиҳанда (Н.Н.Н.) дар рафти пурсиш (рӯбарӯкунӣ, санҷиш ё аниқкунии нишондодҳо дар ҷой, дар рафти озмоиши тафтишӣ) имконпазир аст?
5) Агар дар лаҳзаи гузарондани таҳқиқи экспертӣ аломатҳои зарар ба саломатӣ дар аризадиҳанда (Н.Н.Н.) ошкор нашуда бошанд, асос барои чунин гумон ҳаст, ки нисбат ба аризадиҳанда (Н.Н.Н.)

дар ҳолатҳои нишондодааш таъсири ғайриқонунӣ истифода бурда шудааст?

6) Агар ҷабрдида аломатҳои зарар ба саломатиро дошта бошад, механизми пайдоиши ин зарарҳои ҷисмонӣ чӣ гуна шуда метавонад?

7) Оё ҷабрдида ҳангоми гирифтани зарар ба саломатӣ дарди сахтро ҳис карда метавонист, оё ӯ дар ин ҳолат садамаи дарднокро ҳис кард ё аз ҳуш рафт?

### Экспертизаи судӣ-психиатрӣ

барои ташхиси нуқсони психикӣ ё набудани он гузаронда мешавад.

Нуқсони психикӣ гуфта, бемории психикиро фаҳмидан лозим аст, ки ба гурӯҳи бемориҳои психикӣ бемориҳо вобаста ба зарар дидани системаи асаб ва ҳолатҳои реактивӣ (психоз, невроз) дохил намешаванд.

Саволҳо ба эксперт:

1) Оё ҷабрдида (Н.Н.Н.) ба ягон хел бемориҳои психикӣ гирифтор аст, агар ҳа, маҳз ба кадом беморӣ?

2) Оё ҷабрдида (Н.Н.Н.) хусусиятҳои инфиродии психологӣ ё дигар нодурустиҳои инкишоф дорад, ки ӯро аз қобилияти дуруст дарк кардани ҳолатҳои парванда ва нишондод додан дар бораи онҳо маҳрум мекунанд?

3) Оё ҷабрдида (Н.Н.Н.) дар ҳоли ҳозир ҳаракатҳои худро фаҳмонда метавонад?

4) Оё ҷабрдида (Н.Н.Н.) ба дурӯғгӯии патологӣ ва (ё) хаёлбофӣ майл дорад?

5) Оё ҷабрдида (Н.Н.Н.) дар лаҳзаи сӯиқасди ҷиноят ба хусусият ва аҳамияти ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии бар зидди ӯ содиршаванда дуруст сарфаҳм рафта метавонист?

6) Оё амалҳои зиддиҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳолатҳои парванда нишон дода шавад) фишори равонӣ мебошанд ва оё ин амалҳо ба ҳолати психикӣ ва рафтори ӯ дар вазъияти таҳқиқшаванда таъсир расонда метавонистанд?

7) Оё ҳолати психикии ҷабрдида (Н.Н.Н.)-ро дар лаҳзаи амалҳои зиддиҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мулкӣ ҳолати стрессӣ номидан мумкин аст?

8) Оё ба ҷабрдида (Н.Н.Н.) азоби рӯҳӣ расонда шудааст?

9) Оё ҷабрдида нуқсонҳои психикӣ дорад?

### Экспертизаи судӣ-хатшиносӣ

барои муқаррар кардани далелҳо ва ҳолатҳои муайян, ҳангоми таҳқиқи ҳуҷҷатҳои дастхат, сабтҳо ё имзоҳое, ки ҷабрдида дар зери назорати муфаттиш анҷом медиҳад, таъин карда мешавад.

Вазифаҳое, ки экспертизаи судӣ-хатшиносӣ ҳал мекунад, ба се синф ҷудо мешаванд: мушаххаскунӣ, ташхисӣ, таснифӣ.

### Дар доираи вазифаҳои мушаххаскунӣ саволҳои зерин ҳал карда мешаванд:

1) Матни дастхати ҳуҷҷатро кӣ иҷро кард (ном ва реквизитҳои ӯ), ҷабрдида (Н.Н.Н.) ё шахси дигар?

2) Имзо аз номи ҷабрдида (Н.Н.Н.)-ро, ки дар ҳуҷҷати таҳқиқшаванда (ном ва реквизитҳои он,

сутун, сатр, баъди кадом калима) ҷойгир шудааст, кӣ иҷро кард, ҷабрдида (Н.Н.Н.) ё шахси дигар?

3) Имзо аз номи шахси қалбакӣ (муайяннашуда)-ро, ки дар ҳуҷҷати таҳқиқшаванда (ном ва реквизитҳои он, сутун, сатр, баъди кадом калима) ҷойгир шудааст, кӣ иҷро кард, ҷабрдида (Н.Н.Н.) ё шахси дигар?

4) Кӣ калимаҳо ё рақамҳои алоҳидаро ба матни муайян илованависӣ кард, ҷабрдида (Н.Н.Н.) ё шахси дигар?

5) Оё матнҳо ё имзоҳо дар якчанд ҳуҷҷатҳо ё дар қисми алоҳидаи матн дар як ҳуҷҷат аз тарафи як шахс иҷро карда шудаанд?

### Дар доираи вазифаҳои ташхисӣ саволҳои зерин ҳал карда мешаванд:

1) Оё аломатҳои иҷрои ғайриодӣ (ҳолати ҳаяҷон, стресс, дард, мастии алкоголӣ, тағйироти синнусолӣ ва ғайра) дар сабт ва имзои таҳқиқшаванда дар ҳуҷҷат (ном ва реквизитҳои он) мавҷуданд?

2) Оё матн (имзо) дар ҳолати ғайриодӣ ё дар шароитҳои ғайриодӣ; аз тарафи шахси пиронсол; бо дасти чап (дар матни муқаррарӣ бо дасти рост); қасдан бо хати тағйирдодашуда, бо тақлид ба хати (имзои) шахси мушаххас иҷро карда шудааст?

3) Оё матни дастхат ё имзо дар ҳуҷҷати таҳқиқшаванда (ном ва реквизитҳои он, сутун, сатр, баъди кадом калима) қасдан бо хати тағйирдодашуда иҷро карда шудааст?

Дар доираи вазифаҳои таснифӣ чунин савол ҳал карда мешавад, ки аз тарафи шахси кадом ҷинс матни ҳуҷҷати таҳқиқшаванда иҷро карда шудааст.

### Экспертизаи судӣ-трасологӣ

барои муайян кардани маълумотҳои воқеӣ ҳангоми омӯзиши изҳои гуногун бо мақсади муайян кардани пайдоиши онҳо ва муайян кардани объекти боқигузорандаи онҳо таъин карда мешавад.

Саволҳои намунавӣ, ки дар назди эксперт ҳангоми гузарондани таҳқиқи дактилоскопӣ гузошта мешаванд:

- оё дар предметҳои пешниҳодшуда изҳои дастон мавҷуданд, агар ҳа, оё онҳо барои мушаххаскунии шахс коршоямаанд;
- оё изҳо дар дактоплёнкаҳои пешниҳодшуда барои мушаххаскунии шахс коршоямаанд;
- оё дар предмети таҳқиқшаванда изҳои пойҳои луч мавҷуданд ва оё онҳо барои мушаххаскунии шахс коршоямаанд;
- оё изҳои пойҳои луч аз тарафи ҳамин шахс гузошта шудаанд;
- оё изҳои дастон аз тарафи шахси (шахсони) мушаххас гузошта шудаанд;
- оё изҳои пойҳои луч, ки аз якчанд ҷойҳои ҳодиса гирифта шуданд, аз тарафи ҳамон як шахс гузошта шудаанд;
- оё изҳои дастон, ки ҳангоми азназаргузаронии якчанд ҷойҳои ҳодиса гирифта шуданд, аз тарафи ҳамон як шахс гузошта шудаанд;
- оё изҳо дар ду дактокарта бо маълумотҳои анкетии гуногун аз тарафи ҳамон як шахс гузошта шудаанд;
- механизми пайдоиши изҳо чӣ гуна аст;
- бо кадом даст ва бо кадом ангуштон изҳо гузошта шудаанд;

- бо кадом қисми кафи даст изҳо гузошта шудаанд;
- порчаи из бо чӣ гузошта шудааст: бо ангуштони даст ё бо кафи даст;
- кадом хусусиятҳо дар изҳои дастони инсон инъикос шудаанд (доғи захм, обила, доғи ҷароҳӣ, бемориҳои пӯст, набудан ё деформатсияи ангуштон, доштани ангуштарӣ, бандина ва ғайра);
- оё дар ин изҳо аломатҳое, ки муайян кардани ҷинс ва синну соли одамро имконпазир мегардонанд, инъикос шудаанд.

## Экспертизаи судии психологӣ-криминалистӣ

барои муайян кардани маълумотҳои воқеӣ таъин карда мешавад, ки асоси ин маълумотҳоро мувофиқи қонун будани пайдоиш, амал, тағйири аломатҳои инъикоскунандаи хосиятҳои психикаи одам, ҷараёнҳои психикии дар ӯ рӯйдиҳанда, ҳолатҳои алоҳидаи фаҳмидашавандаю исботшаванда ва аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта ташкил медиҳанд.

Ба объектҳои экспертизаи судии психологӣ-криминалистӣ предметҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо бо ёрии воситаҳои гуногуни техникӣ сабт шудааст: маълумоти инъикоскунандаи ҳолати физиологӣ ва психологӣ (ҳиссиётӣ, зеҳнӣ, иродавӣ)-и инсон дар лаҳзаи амалҳои тафтишотии гузарондашаванда (пурсиш, санҷиши нишондодҳо дар ҷой, рӯбарӯкунӣ ва ғ.), инчунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Таҳқиқи объектҳое, ки ҳолати инсон ва тағйири ҳолати ӯро сабт кардаанд, бо мақсади аниқ кардани ҳолатҳои зерин гузаронда мешавад:
- ҳолати психологӣ-ҳиссиётии инсон дар вақти сабти видеои пешниҳодшуда;
- оё ҳолати зеҳнӣ-иродавии инсон дар вақти сабти видеои пешниҳодшуда тағйир ёфт;
- оё нутқи инсон озод аст ё ӯ матни азёдшуда ё пешакӣ тайёршударо айнан такрор мекунад;
- оё ба инсон аз тарафи ҳамсӯҳбат дар лаҳзаи сабти видео бо мақсади тағйир додани маънои нишондодҳо/нақли ӯ фишори психологӣ расонда шудааст;
- тавсифи ғайришифоҳии инсон дар вақти сабти видео чӣ гуна аст;
- таъиноти маъноӣ ва мақсадноки имою ишораи шахс дар сабти видео дар лаҳзаҳои муайяни нишондодҳои таймер чӣ гуна аст;

Саволҳо аз рӯи ин категорияи парвандаҳо ба нишондодҳои дуруст додани шоҳидон ва ҷабрдидагон дахл дошта метавонанд, чунки дар рафти муҳокимаи судӣ ин шахсон дар зери таъсири ҳолатҳои гуногун аз нишондодҳои пештараи худ, ки судшавандагонро фош мекунанд, даст кашида метавонанд.

## Ёфта гирифтан

(моддаҳои 191-192, 194 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Бо мақсади тасдиқи ваҷҳҳои ҷабрдида дар бораи қарор доштани ӯ дар биное, ки дар он нисбат ба ӯ шиканҷа истифода бурда шуд (масалан, бинои милитсия), то қадри имкон дар муҳлати кӯтоҳ ёфта гирифтанро гузарондан лозим аст, ки **ҷараёни гузарондани онро адвокати ҷабрдида бояд бо қатъият назорат кунад,** аз ҷумла ёфта гирифтани:

- сабтҳо аз камераҳои мушоҳидаи видеоӣ;
- видеорегистраторҳои кормандони раёсати иҷрои ҷазо;
- журнали баҳисобгирии шахсони овардашуда;
- маълумотҳо аз базаи қисми навбатдорӣ;
- протоколи дастгиркунӣ;
- журнали қабули ташрифорандагон ба изолятори нигаҳдории муваққатӣ, изолятори тафтишотӣ;
- ведомостҳои шабонарӯзии дастаи навбатдор;
- варақаҳои хатсайр, журналҳо ва китобҳои баҳисобгирии хабарҳо;
- картаҳои травматологӣ, ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва ғ.

Бо мақсади муайян намудани шахсияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҷабрдидаро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ овардаанд, сабтҳои видеоро аз камераҳои мушоҳидаи видеоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз назар гузарондан лозим аст (аз рӯи имкон бо иштироки ҷабрдида).

### Санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса ва озмоиши тафтишӣ

(моддаҳои 188, 207 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Бо иштироки ҷабрдида санҷиш ва аниқкунии нишондодҳо дар ҷой ва озмоиши тафтиширо (бо ҷалби эксперти судӣ-тиббӣ) бо мақсади аниқ кардани дурустии нишондодҳои ҷабрдида бо роҳи муқоисаи онҳо бо ҳолати ҳодисаи рӯйдода, аниқкунии хатсайр ва ҷое, ки амалҳои санҷидашаванда содир шудаанд, муайян намудани маълумотҳои воқеӣ гузарондан лозим аст.

### Шинохтан

(моддаҳои 205-206 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Бо мақсади муайян кардани монандӣ ба шахс ё объекти пештар мушоҳидашуда ё фарқ аз ин шахс ё объект, ба шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршаванда барои шинохтан шахс ё предмет пешниҳод шуда метавонад. Барои шинохтан ҷасад ҳам пешниҳод шуда метавонад.

Шахси шинохташаванда бояд пешакӣ дар бораи нораво будани ҳамагуна луқмапартоӣ, имою ишора, таҳдид, нигоҳҳои таҳдидкунанда ва ғ. огоҳонида шавад.

Ҳамин тавр, тавсияҳои дар боло овардашуда адвокати (намояндаи) ҷабрдидаро ба гузарондани кори фаъолона ва устуворона барои расондани ёрии ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа роҳнамоӣ мекунанд.

# Фасли 4.

## Рафти иҷрои уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф



Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба маърӯзаҳои миллиро ба Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа вобаста ба рафти иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии худ оид ба риояи меъёрҳои Конвенсияи зидди шиканҷа пешниҳод кард.

Дар ноябри соли 2006 Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа якум маърӯзаи миллии Тоҷикистонро дар бораи иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа баррасӣ карда, тавсияҳои ниҳоиро қабул ва пешниҳод намуд.

Зиёда аз ин, маърӯзачиёни махсуси СММ дар масъалаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф барои таҳлили вазъият аз рӯи ин масъала якчанд маротиба ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овarданд.

Аз ҷумла, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии масъалаи ташкили механизми миллии пешгирии шиканҷа, инчунин имзои Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа аз 25 сентябри соли 2007 пешниҳод карда шуд.

Мақсади ин Протокол аз ташкили низоми боздидҳои мунтазами мақомотҳои мустақили байналмилалӣ ва миллӣ аз ҷойҳои нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҷиҳати пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аст (моддаи 1-и Протоколи факултативӣ).

**Дар ноябри соли 2012 Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа дуюм маърӯзаи миллии Тоҷикистонро дар бораи иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа баррасӣ карда, дар асоси он Кумита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои иловагиро ироа кард:**

- андешидани чораҳои таъҷилӣ ва самараноки пешгирии ҳамаи намудҳои шиканҷа аз лаҳзаи дастгиркунӣ, аз ҷумла хабардор кардани ҳабсшудагон дар бораи ҳуқуқҳои онҳо ва асосҳои ҳабскунӣ;
- мураттаб кардани баҳисобгирии дастгиршудагон дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс (таъмини журнали расмӣ бо нишон додани вақт ва сабабҳои дастгиркунӣ, шахсоне, ки ҳангоми дастгиркунӣ иштирок карданд, ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ, шахсони масъули дар ҳабс нигоҳдорӣ ва ғ.);
- таъмини дастрасии фаврии дастгиршудагон ба адвокат, табиб (муоинаи тиббӣ), хабардоркунии хешовандон, баррасии самаранок, фаврӣ ва беғаразонаи шикоятҳо ва аризаҳо дар бораи шиканҷа, хусусан ҳолатҳои вафоти дастгиршудагон дар вақти нигоҳдорӣ дар ҳабс ва адои ҷазои ҷиноятӣ;
- шахси ҳабсшуда бояд ҳарчӣ тезтар ба суд дастрас карда шавад ва муҳлати дастгиркунии ӯ то 72 соат кӯтоҳ карда шавад;
- ба Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ дар қисми бекор кардани аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бақайдгирии муҳлати 12-соатаи хабардоркунии аъзоёни оила тағйирот ворид карда шавад;
- барои тезондани расмияти тасвиби Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа чораҳои мушаххас андешидан лозим аст;
- таҳияи механизмҳои миллии пешгирикунандаи самаранок ва таъмини ҷудо кардани маблағ аз буҷет барои таъмини ин механизм бо маблағ барои гузарондани мониторинги доимӣ, мустақилона ва пешакӣ эълоншудаи ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс;
- таъмини дастрасии бемамониати Кумитаи СММ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба ҳамаи

ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан, инчунин бо-здиди мунтазами Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо кормандони тиббӣ аз ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан.

**Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа сеюм маърӯзаи миллии Тоҷикистонро дар ҷаласаҳое, ки 4 ва 7 майи соли 2018 баргузор шуданд, инчунин дар ҷаласа аз 14 майи соли 2018 баррасӣ кард.**

Аз рӯи натиҷаҳои баррасӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор дода шуданд, аз ҷумла:

- таъмини ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар шиканҷа ё муносибати бераҳмона айбдоранд;
- таъмини дастрасии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан;
- кафолат додани ҳуқуқҳои асосии ҳамаи ҳабсшудагон;
- тақвияти мустақилияти Комиссияи тахассусии Вазорати адлия ва адвокатҳо;
- мубориза бо паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва маҳбасҳо;
- таъмини дастрасии гурӯҳи мониторинг ба ҳамаи ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс, худдорӣ аз депортатсия, хориҷкунӣ, баргардондан ё супоридани ҳамагуна шахсе, ки ба ӯ хатари шиканҷа баъди баргаштан таҳдид мекунад;
- беҳтаргардонии ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан, аз ҷумла шароитҳои нигоҳдории ҳабсшудагон ва шахсоне, ки ба ҳабси якумра маҳкум;
- ба амал баровардани адолати судӣ нисбат ба ноболиғон, пешгирии "дедовшина", шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ;
- пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон;
- дар бораи зарурати тасвиби шартномаҳои асосии СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Тоҷикистон ин шартномаҳоро тасвиб накардааст ё ба онҳо ҳамроҳ нашудааст.

Бо мақсади татбиқи ин тавсияҳо аз тарафи Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини татбиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон 24 январи соли 2019 Нақшаи миллӣ оид ба татбиқи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа барои солҳои 2019-2022 таҳия ва қабул карда шуд.

Дар ин Нақша чораҳо барои татбиқи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа, мӯҳлатҳо ва мақомотҳои давлатии масъули иҷрои тавсияҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Нақшаи миллӣ оид ба татбиқи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа дар сайти Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини татбиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҷойгир карда шудааст (www.khit.tj).

Дар асоси тавсияҳо ва пешниҳодҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кори муайяни сиёсӣ-ҳуқуқӣ гузаронда шуд.

Аз ҷумла:

- Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия дар бораи пешгирии генотсид ва ҷазо барои он ҳамроҳ шуд;

- Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки мақсади асосии он таъмини ҷараёни такмили қонунгузорӣ бо усулҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ аст;

- Барномаи омодагии касбии кормандони мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа қабул карда шуд;

- Қонунҳо "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон", "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" қабул карда шуданд;

- Гурӯҳи муштараки корӣ оид ба мониторинги ҷойҳои аз озодӣ маҳрум кардан ташкил карда шуд;

- Дар дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд;

- Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои давраи то соли 2025 қабул карда шуд;

- Стратегияи миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон то соли 2038 қабул карда шуд;

- Нақшаи миллии амал оид ба татбиқи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа барои давраи солҳои 2019-2022 қабул карда шуд;

- Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳидаи 143-1 ворид карда шуд, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои истифодаи шиканҷа пешбинӣ мекунад;

- Аз тарафи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор аз 25 июни соли 2012 "Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа" қабул карда шуд;

- Аз тарафи Прокуратураи генералӣ дастури илмӣ-методии "Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти прокуратура оид ба пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқи шиканҷа" таҳия карда шуд;

- Бо мақсади таъмини дастрасии дастгиршудагон ба адвокат ба Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ тағйирот ворид карда шуд.

# Фасли 5.

Намунаҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ оид ба парвандаҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф



Ба прокурори ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

Аз ____________________________ номи

Н.Н.Н.

сокини: ____________________________

суроғаи зист: шаҳр, кӯча, бино, ҳуҷра,

____________________________

рақами телефон

# А Р И З А

**дар бораи ҷиноят**

____________________________

Мазмуни ариза дар бораи ҷиноят зикр карда мешавад: ҷой, вақт, ҳолати кор

____________________________

оқибатҳои бавуқӯъ омада (зарари ҷисмонӣ, равонӣ ва ғ.)

____________________________

маълумот оид ба шахсони гумонбар ва ғ.

____________________________

Хоҳиши муроҷиаткунанда

____________ ____________ ( ____________________________ )

Сана имзо Н.Н.Н.

Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз номи ____________________________
(ному насаб)

сокини (вилояти, шаҳри, ноҳияи) ______________
____________________________
суроғаи зист: шаҳр, кӯча, бино, ҳуҷра,
____________________________
рақами телефон

# А Р И З А

**Мазмуни шикоят:**

- кадом намуд ҳуқуқҳои шумо вайрон гардидааст;
- суроға ва номи мақомот ё шахси мансабдор, ки нисбат ба қарор ё амали (беамалии) ӯ шикоят оварда мешавад;
- баён намудани моҳияти қарор ё амали (беамалии), ки ба андешаи аризадиҳанда ҳуқуқу озодиҳои ӯро вайрон намудааст ё вайрон мекунад;
- барои барқарор кардани ҳуқуқҳо кадом корҳо иҷро карда шудааст (муроҷиати хаттӣ ба мақомотҳо ва зинаҳои болоии он);
- хоҳиши муроҷиаткунанда.

**Замима:** нусхаи қароре, ки нисбат ба шикояти бо тариқи судӣ ё маъмурӣ баррасигардида қабул шудааст.

( ______________________________ ) ______________ ______________
Аризадиҳанда Имзо Сана

Ба муфаттиши Прокуратураи шаҳри Душанбе
Аз номи адвокати Кабинети адвокатӣ
дар шаҳри Душанбе Ф.Т., суроға: шаҳри
Душанбе, кӯчаи П.И.

# ДАРХОСТ

## Дар бораи тағйир додани банду басти ҳаракатҳои айбдоршаванда

Дар истеҳсолоти Прокуратураи шаҳри Душанбе парвандаи ҷиноятӣ нисбати Т.У., М.А. ва В.М. бо моддаи 316 қисми 3 банди "в" Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида мавриди тафтиши пешакӣ қарор дорад.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдида С.И. – ро дар асоси ордери таҳти МХ №0000139 аз 15 майи соли 2024 ман бар ӯҳда дорам.

Аз қарори муфаттиши Прокуратураи шаҳри Душанбе аз 25 майи соли 2024 "Дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ" бар меояд, ки санаи 25 апрели соли 2024 аз тарафи Ваколатдори калони оперативӣ шӯъбачаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухадираи РВКД дар шаҳри Душанбе майори милитсия Т.У. нисбати С.И. парвандаи оперативии таҳти №1211 оғоз намуда, санаи 27 апрели соли 2024 тахминан соатҳои 09:00 дақиқа бо мақсади дастгир намудани номбурда Т.У., М.А. ва В.М. бо воситаи автомашинаҳои тамғаи "Lexus", "Toyoto Rumion" ва "Toyoto Corolla" ба манзили истиқоматии шаҳрванд С.И. рафтаанд. Онҳо С.И. – ро дар манзили истиқоматиаш пайдо намуда, М.А. ба дастони С.И. дастбанд баста, ӯро тахминан соатҳои 00:50 дақиқа ба воситаи автомашинаи шахсии С.И. тамғаи "Toyoto Camry", ки дар назди манзили истиқоматиаш буд савор карда, ба ошёнаи сеюми бинои КМ РВКД дар шаҳри Душанбе ба утоқи кории сардори шӯъбача Т.У. ва минбаъд ба утоқи кории М.А. ва В.М. дароварда, С.И. – ро бо мақсади гирифтани нишондоди худиқрорӣ мавриди лату – кӯб ва зери фишори ҷисмонию рӯҳи қарор додаанд.

Т.У., М.А. ва В.М. аз рӯи маслиҳати пешакӣ нисбати С.И. муддати беш аз як соат кирдорҳои ғайриқонуниашонро идома додаанд, ки дар натиҷа С.И. аз ин кирдорҳои онҳо тоб наоварда, дар утоқи кории В.М. тахминан соатҳои 02:30 дақиқа вафот намудааст.

Ҳаракатҳои Т.У., М.А. ва В.М. аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ бо моддаи 316 қисми 3 банди "в" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, банду баст карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 1 Конвенсияи "Зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф" ҳар амале, ки ба воситаи он ба ягон шахс қасдан ё бо дигар сабаби ба табъизи ҳама гуна хусусият асосёфта, дарду азоби сахти ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонида мешавад, то ки аз ӯ ё шахси сеюм маълумот ё баёнот гиранд, ӯро барои амалҳои содиркардааш ё шахси сеюм ё барои гумонбар шуданаш дар содир намудани ин амалҳо ҷазо диҳанд, инчунин ӯ ва ё сеюмро тарсонанд ё маҷбур созанд, ки агар чунин дард ё азоб аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё розигии хомушонаи онҳо расонида шавад шиканҷа эътироф карда мешавад.

Дар асоси қисми 3 моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Банди 5 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1 аз 25 июни соли 2012 "Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа" пешбини менамояд, ки шиканҷа бояд аз дигар ҳаракатҳои марбут ба сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ё баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, ки бо моддаҳои 314 ва 316 – и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини шудааст, фарқ карда шавад.

Кирдор агар бо расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ ба ҷабрдида аз ҷониби шахси мансабдор барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар моддаҳои 1431 – и КҶ ҶТ нишондодашуда, содир шуда бошанд дар асоси меъёри махсуси моддаи 1431 – и КҶ ҶТ бояд банду баст карда шавад.

Далелҳои дар қабати парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки кормандони милится Т.У., М.А. ва В.М. бо мақсади гирифтани маълумот ва иқроршавӣ дар ошёнаи сеюми бинои КМ РВКД дар шаҳри Душанбе  дар дохили утоқи кории В.М., С.И. – ро беш аз як соат мавриди лату – кӯб қарор дода, ба охирон азобу уқубати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ расонидаанд, ки дар натиҷа С.И. аз ин кирдорҳои онҳо тоб наоварда, тахминан соатҳои 02:30 дақиқа вафот намудааст.

Дар кирдорҳои Т.У., М.А. ва В.М. аломати таркиби ҷинояти дар моддаи 1431 – и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида дида мешавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 229 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар ҳангоми тафтиши пешакӣ барои тағйир додан ва илова кардани айб асосе ба миён ояд, муфаттиш вазифадор аст бо риояи талаботи моддаи 225 Кодекси мазкур дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан қарори нав барорад ва онро бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 225 ва 226 Кодекси мазкур ба айбдоршаванда эълон кунад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти асосҳои дар боло зикргардида ва бо дастрасии моддаҳои 53 ва 229 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:

Банду басти ҳаракатҳои айбдоршавандаҳо Т.У., М.А. ва В.М. аз моддаи 316 қисми 3 банди "в" Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 1431 – и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйир дода шавад.

Адвокат: ______________________ Имзо __________ Сана __________

Ба ________________________________________

________________________________________

(номи суди болои)

аз номи адвокат: ____________________

**(Н.Н.Н., суроға ва**

________________________________________

**рақами телефони адвокат)**

# ШИКОЯТ

**Нисбати қарори прокуратураи ноҳияи Ш.**________________________________________

**“Дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ”**

Бо қарори Прокуратураи ноҳияи Ш. аз 16 майи соли 2024 маводҳои ҷамъовардашуда нисбати кормандони ШВКД дар ноҳияи Ш. бинобар сабаби мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят бо дастрасии моддаи 27 қисми 1 сархати 2 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст.

Бо қарори қабулнамудаи прокуратураи ноҳияи Ш. рози буда наметавонем ва бо асосҳои меовардашуда, бекор карданашро аз Шумо хоҳиш менамоем.

Аз суханони ваколатдиҳандаи ман О.С. бар меояд, ки санаи 19 марти соли 2022 соати 17:00 ӯ бо даъвати кормандони ШВКД дар ноҳияи Ш. ҳамроҳ бо бародараш О.К. ба бинои ШВКД дар ноҳияи Ш. ҳозир шудааст. Дар даромадгоҳи ҳавлии бино телефони мобилии бародараш О.К. – ро кормандони ШВКД аз дасташ гирифтаанд. Ин амали кормандони ШВКД – ро ваколатдиҳандаи ман мушоҳида намуда, пеш аз вориди бинои ШВКД гардиданаш телефони мобилиашро дар зери куртааш пинҳон намудааст.

Дар саҳни бинои ШВКД дар ноҳияи Ш. тахминан 3-4 нафар кормандони ШВКД, ки дар тан либосҳои низомӣ надоштанд бо ваколатдиҳандаи ман дағалона рафтор намуда, ӯ дашномҳои қабеҳ карда ва бо истифодаи зӯрӣ вориди ҳуҷраи кории муфаттиш намуданд.

Дар ҳуҷраи кории муфаттиш ваколатдиҳандаи маро кормандони милитсия боз дашномҳои кабеҳ намуда, яке аз онҳо бо пой ба баданаш зада, корманди дигари милитсия бошад ба сару руйяш бо дастонаш зада, аз даҳонам сахт дошта, таҳқиру таҳдид намуда, маҷбур кардааст, ки ба гуноҳаш иқрор шавад.

Сипас кормандони милитсия бо мақсади гузаронидани шаҳодаткунонии тиббӣ, корманди тибро даъват намудаанд. Ҳангоми гузаронидани шаҳодаткунонии тиббӣ корманди тиб телефони мобилии ваколатдиҳандаи маро аз зери куртааш пайдо намуда, онро ба кормандони ШВКД месупорад.

Аз ин амали ваколатдиҳандаи ман кормандони ШВКД боз бештар дар ғазаб шуда, телефони мобилиашро гирифта, худи ҳамон рӯз ӯро дастгир карда, ба тавқифгоҳи нигаҳдории муввақатии ШВКД дар ноҳияи Ш. ҷойгир менамоянд.

Аз қарори муфаттиши ШТ ШВКД дар ноҳияи Ш. “Дар бораи маҷбуран овардани гумонбаршуда” аз 18 апрели соли 2024 бар меояд, ки гӯё ваколатдиҳандаи ман барои санаи 09 – 14 ва 20 марти соли 2024 бе сабабҳои узрнок барои пурсиш ба назди муфаттиш ҳозир нашуданаш, санаи 18 апрели соли 2024 соати 13:00 дақиқа маҷбуран ба бинои ШВКД оварда шуда бошад. Аммо аз суханони

ваколатдиҳандаи ман муайян мегардад, ки дар асл аз тарафи муфаттиши ШТ ШВКД дар ноҳияи Ш. лейтинанти милитсия С.Ф. бо риояи талаботи моддаи 198 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ санаи 09 – 14 ва 20 марти соли 2024 даъватнома пешниҳод карда нашуда, инчунин вай бо тарзҳои дигари алоқа низ даъват карда нашудааст (ҳолати мазкур метавонад бо табуляграммаи телефонии ваколатдиҳандаи ман ва дар қабати маводҳои парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд набудани даъватномаҳо бо гирифтани имзои ӯ ва ё аъзоёни оилааш тасдиқ гардад).

Ғайр аз ин, санаи 18 апрели соли 2024 соати 13:00 дақиқа ваколатдиҳандаи ман маҷбуран ба бинои ШВКД дар ноҳияи Ш. оварда нашуда, балки ӯ ихтиёран бо даъвати кормандони милитсия ба ШВКД ҳозир шудааст. Ҳолатҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳад, ки қарори муфаттиш “Дар бораи маҷбуран овардани гумонбаршуда” аз 18 марти соли 2024 эҳтимолан бо мақсади асоснок кардани протоколи дастгиркунии гумонбаршуда аз 19 апрели соли 2024 омода карда шудааст, зеро тавре аз маводҳои парванда бар меояд, асос барои дастгир кардани ваколатдиҳандаи ман мавҷуд набуд.

Гузашта аз ин, протоколи дастгиркунӣ хилофи талаботи моддаи 94 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, ҳангоми дастгиркунӣ ҳуқуқҳои ваколатдиҳандаи ман фаҳмонида нашуда, протоколи дастгиркунӣ ба ӯ  эълон нагардида, имзояш дар протокол гирифта нашуда, инчунин дигар талаботҳои ин меъёри мурофиавӣ низ риоя карда нашудаанд.

Прокуратураи ноҳияи Ш. зимни санҷиши маводҳо ба ҳаракатҳои кормандони ШВКД дар ноҳияи Ш. баҳои дурусти ҳуқуқи надода, далелҳои барои парванда аҳамиятдоштаро ҷамоварӣ накарда, қарори беасос дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул намудааст.

Ғайр аз ин, Прокуратураи ноҳияи Ш. хилофи талаботи меъёрҳои мурофиавӣ амал намуда, ба дархостҳои чандинкаратаи мо нигоҳ накарда, то ба имрӯз нусхаи қарори қабулнамудаи худро ба мо пешниҳод накардааст.

Прокуратураи ноҳияи Ш. барои муайян намудани ҳолати ҷой доштани шиканҷа ва муносибати бераҳмона зимни санҷиш, нусхаи сабти видеоии камераҳои мушоҳидавии бинои ШВКД дар ноҳияи Ш. –ро талаб карда нагирифта, барои муайян кардани ҳолатҳои воқеъии кор бародари О.С. - О.К. - ро, ки шоҳиди бевоситаи ҳодиса ба ҳисоб меравад напурсида, инчунин ба талаботҳои қонун ҷавобгӯ будани ҳолати дастгиркунии ваколатдиҳандаи ман аз тарафи кормандони ШВКД баҳои дурусти қонунӣ дода нашудааст.

Ҳамчунин дар қарори қабулнамудаи худ, Прокуратураи ноҳияи Ш. ба ваҷҳои дар шикоят овардашуда нисбати қарори муфаттиш дар бораи маҷбуран овардани гумонбаршуда ва протоколи дастгиркунӣ баҳои ҳуқуқӣ надодааст.

Гузашта аз ин, Прокуратураи ноҳияи Ш. зимни санҷиш дигар чораҳоеро, ки барои муайян кардани ҳолатҳои воқеъии кор мусоидат менамуданд, наандешидааст.

Мутобиқи сархати якуми қисми 2 моддаи 373 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ дар ҳама ҳолат яктарафа ё нопура эътироф карда мешавад, ба шарте, ки доир ба парванда шахсоне нопурсида монда бошанд, ки нишондодҳои онҳо барои парванда аҳмияти ҷидди доранд ё экспертизае гузаронида нашуда бошад, ки мувофиқи қонун гузаронидани он ҳатмист, ҳамзамон ҳуҷҷатҳое талаб карда гирифта ё далелҳо ишайъие, ки дар ёфт нагардида ба парванда ҳамроҳ кардана шуда бошанд, ки аҳмияти ҷидди доранд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти асосҳои дар боло зикргардида, аз Шумо хоҳиш менамоем, ки маводҳои санҷишӣ нисбати кормандони ШВКД дар ноҳияи Ш. аз Прокуратураи ноҳияи Ш. талаб карда гирифта шуда, қарори Прокуратураи ноҳияи Ш. дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати кормандони ШВКД дар ноҳияи Ш. бинобар сабаби яктарафа ва нопурра буданаш, бекор карда шуда, вобаста ба он санҷиши нав таъин карда ашвад.

Адвокат: ______________________ Имзо __________ Сана __________

Ба ____________________________________________

______________________________________________

(номи суд)

аз номи адвокат: ______________________________

(Н.Н.Н., суроға ва

______________________________________________

рақами телефони адвокат)

# ДАРХОСТ

## Дар бораи таъин намудани экспертизаи комплексии судӣ – равоншиносӣ ва рухшиносӣ

Дар пешбурди суди шаҳри ______________________ парвандаи ҷиноятӣ тахти № __________ нисбати ваколатдиҳандаи ман ________________ бо моддаи 332 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дорад.

Тавре аз айби эълонкардаи мақомоти тафтишоти пешкӣ бар меояд, гӯё ваколатдиҳандаи ман ________________дар рафти адои ҷазо дар минтақаи маҳдуди маҳкамаи ислоҳии _____________ СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод гардидан, вайрон кардани тартиботи дохилӣ, тарсонидани кормандон ва номураттаб сохтани фаъолияти муассисаи музкур санаи________ соли ________ тахминан соатҳои ________ дақиқа асбоби ришгираки яккаратаро шикаста аз дохили он алмоспораро гирифта, бархилофи талаботи банди 17 зербанди “к” Қоидаҳои тартиботи дохили дар муассисаҳо амал намуда, дар қисмҳои гуногуни бадани худ, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ расонида бошад.

Аз нишондодҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ додаи ваколатдиҳандаи ман муайян мегардад, ки номбурда бинобар сабаби нисбаташ ғайриқонунӣ таъин гардидани ҷазои вазнин, бо ҳукми судӣ ва низоми адои ҷазо норози буда, бо роҳи даст задан ба худкушӣ, нисбат ба санади судӣ эътирози худро баён намудааст.

Ҳамчунин номбурда дар рафти мурофиаи судӣ баён намуд, ки сабаби дигари даст заданаш ба худкушӣ, ин ба гармии тоқатфарсои дохили ҳуҷраҳо тоб наовардан, вазнин будани шароити будубош дар маҳбас ва азоби руҳиву равонии онҳо ба ҳисоб мерафтааст.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ ба ин ҳолатҳои кор, ки барои дуруст банду баст кардани ҳаракатҳои судшаванда аҳамияти зарурӣ доранд, баҳои ҳуқуқӣ дода нашуда, инчунин барои муайян кардани сабаб ва омилҳои аслии даст задан ба худкушӣ аз ҷониби ваколатдиҳандаи ман экспертизаи судӣ – равоншиносӣ ва руҳшиносӣ таъин карда нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоятгар аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шуданаш ҳуқуқ дорад барои ҳимоя ҳама гуна воситаҳо ва усули хилофи қонун набударо истифода барад, дархост изҳор кунад инчунин далел ва маълумоти барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруриро ҷамъ оварад ва пешниҳод кунад.

Дар асоси моддаи 318 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд, судя бо дархости тарафҳо, инчунин бо ташаббуси худ ҳуқуқ дорад дар маҷлиси суд экспертиза таъин кунад.

Қисми 2 ҳамин модда пешбини намудааст, ки экспертиза дар суд тибқи қоидаҳои дар боби 24 Кодекси мазкур зикргардида, гузаронида мешавад.

Мутобиқи моддаи 214 КМЧ Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи комплексӣ дар ҳолатҳое таъин карда мешавад, ки барои таҳқиқот маълумоти соҳаҳои гуногуни дониш зарур бошад. Он аз тарафи коршиносони дорои ихтисосҳои гуногун дар доираи салоҳиятнокии онҳо гузаронида мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳоиболо ва бо дастрасии моддаҳои 53, 214 ва 318 КМЧ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,

## ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:

1. Бо парвандаи ҷиноятӣ таҳти № ________ нисбати ваколатдиҳандаи ман ____________ бо моддаи 332 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон Экспертизаи равонӣ ва рӯҳӣ дар Диспансери Психиатрии шаҳри ________ дар ҳайъати на кам аз 3 табиби рӯҳшинос ва равоншинос, таъин карда шавад.
2. Экспертизаи руҳӣ ва равонӣ бо истифодаи талаботи пешбининамудаи шакли тибби нав Хулосаи судӣ психиатри (Комиссия экспертон) гузаронида шавад.
3. Дар вақти гузаронидани экспертизаи руҳӣ ва равонӣ шароити камераи нигахдорӣ барои адои ҷазо дар минтақаи маҳдуди маҳкамаи ислоҳии ____________ СРИҶҶ ВА ҶТ аз назар гузаронида шуда, таҳлил ва баҳо дода шавад.
4. Дар сурати зарури ташхиси узвҳои дохила ба тариқи ташхиси ултрасадоӣ (УЗИ) ва ташхиси резонансии магнитӣ (МРТ) гузаронида шавад.

**Дар назди коршиносон, саволҳои зерин гузошта шавад:**

1. Ҳолати рӯҳӣ ва равонии судшаванда ______________ муайян карда шавад.
2. Оё дар судшаванда _____________ нишонаҳои ихтилои баъди зарбаи равонӣ (ПТСР, Посттравматическое стрессовое расстройство) ё ин, ки дипресияи амиқ (глубокая депрессия) мушоҳида карда мешавад ё не?
3. Агар мавҷуд бошад, пас муайян карда шавад, ки оё ин зарбаи равонӣ дар сурати тадбиқи муносибати бераҳмона дар давраи адо кардани ҷазо дар минтақаи маҳдуди маҳкамаи ислоҳии ______________________ СРИҶҶ ВА ҶТ бардошта шуда, мувофиқат мекунад ё ин ки не?
4. Шароити нигаҳдорӣ (камераи ҷойи хоб, таъминоти тиббию равонӣ), боиси баъд шудани ҳолати равонӣ ва дар оқибат даст ба худкуши задани судшаванда, оварда метавонист ё не?
5. Барори барқарорсозии холати равонии судшаванда чи гуна чораҳои барқароркунин лозим аст?

Адвокат: ___________________________________ Имзо _______________ Сана _______________

Ба ______________________________

______________________________

(номи суди болоӣ)

аз номи адвокат: ____________________

**(Н.Н.Н., суроға ва**

______________________________

**рақами телефони адвокат)**

# ШИКОЯТ

**Аз амали (муносибати беэҳтиромонаи) судя**

Дар истеҳсолоти судяи Суди ______________________________

**(номи суд ва Н.Н.Н. судя)**

парвандаи ҷиноятӣ нисбати ______________________________

______________________________

**(Н.Н.Н. судшаванда)**

бо моддаи ______________________________

**(номгӯи моддаи дахлдори КҶҶТ)**

мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар рафти мурофиаи судӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонуни ____________________

**(Н.Н.Н. судшаванда)**

дар асоси ордери таҳти МХ № __________ аз __________ соли 2024 ман бар ӯҳда дорам.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 11 Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Конфронси судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 ноябри соли 2013 қабул гардидааст, судя оид ба ҳуқуқҳои шахсони иштирокчии парванда ҷиҳати озодона изҳор намудани мавқеи худ бояд ҳурмату эҳтиром зоҳир намуда, дар ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои судӣ дақиқ бошад, чораҳои боандешаи барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои адолати судӣ равонагардидаро қабул намояд.

Судяи Суди ______________________________

**(Н.Н.Н. судя ва номи суд)**

хилофи талаботи моддаи дар боло зикргардидаи Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, санаи «__» __________соли 201 __дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятии мазкур, ҳангоми аз ҷониби ман изҳор намудани мавқеъи худ, ______________________________

**(амали судя, ки мавриди шикоят қарор дода мешавад)**

Тибқи талаботи моддаи моддаи 119 КМҶ ҶТ иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин шахсони дигаре, ки манфиати онҳо халалдор шудааст, метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишот, прокурор, суд, судя шикоят оваранд.

Аз ин рӯ, аз Шумо,

Х О Ҳ И Ш   М Е Н А М О Я М :

Барои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани судяи Суди ____________________

(Н.Н.Н. судя ва номи суд)

чораҳои дахлдор андешида шавад.

Адвокат: ____________________ Имзо __________ Сана __________

Ба ________________________________

________________________________

(номи суди болои)

аз номи адвокат: ________________

**(Н.Н.Н., суроға ва**

________________________________

**рақами телефони адвокат)**

# ШИКОЯТ

**оиди аз ҷониби судя риоя нагардидани вақти таъиншудаи маҷлиси судӣ**

Аз тарафи судяи Суди ____________________________________________

**(номи суд ва Н.Н.Н. судя)**

баррасии парвандаи ҷиноятӣ, нисбати ваколатдиҳандаи ман ____________________

____________________________________________

**(Н.Н.Н. судшаванда)**

ки дар содир намудани ҷинояти дар моддаи____________________________

____________________________________________

**(номгӯи моддаи дахлдори КҶҶТ)**

пешбинигардида айбдор дониста мешавад, ба санаи «__»__________ соли 201__ , соати __ва __ дақиқа таъин карда шуда буд.

Баррасии парванда дар вақти таъиншуда оғоз нагардида, аз тарафи судя ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ, оид ба сабабҳои ба таъхир афтодани баррасии парванда маъулмот пешниҳод карда нашудааст.

Дар натиҷаи риоя нагардидани вақти таъиншудаи маҷлиси судӣ

____________________________________________

**(оқибатҳои манфии риоя нагардидани вақти таъиншудаи маҷлиси судӣ)**

Аз ин рӯ, аз Шумо

ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:

Қонуни будани амали судяи Суди ____________________________________

**(Н.Н.Н. судя ва номи суд)**

мавриди санҷиш қарор дода шуда, ҳангоми муайян гардидани ҳолати аз ҷониби судя беасос риоя нагардидани вақти таъиншудаи маҷлиси судӣ, нисбати номбурда, чораҳои дахлдори интизомӣ андешида шавад.

Адвокат: ____________________ Имзо __________ Сана __________

Ба ______________________________

______________________________

(номи суди болоӣ)

аз номи адвокат: ______________________

**(Н.Н.Н., суроға ва**

______________________________

**рақами телефони адвокат)**

# ШИКОЯТ

**Нисбати амал (беамали) – и судя оид ба баррасӣ накардани дархостҳои адвокат**

Дар истеҳсолоти судяи Суди ______________________________

**(Н.Н.Н. судя ва номи суд)**

парвандаи ҷиноятӣ нисбати ______________________________

______________________________

**(Н.Н.Н. судшаванда)**

Бо моддаи ______________________________

**(номгӯи моддаи дахлдори КҶҶТ)**

мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар рафти мурофиаи судӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии судшаванда ____________

______________________________

**(Н.Н.Н. судшаванда)**

– ро дар асоси ордери тахти МХ № ________ аз ______ соли 202 __ ман бар ӯҳда дорам.

Тибқи талаботи қисми 2 сархати 8 моддаи 53 КМҶ ҶТ ҳимоятгар ҳуқуқ дорад дархост изҳор намояд.

Санаи «____» ________ соли 201__ ҳангоми баррасии парванда аз ҷониби ман ба суд дархост дар бораи пурсиши шоҳидон пешниҳод карда шуда буд.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 306 КМҶ ҶТ суд, судя фикри дигар иштирокчиёни муҳокимаи судиро шунида, бояд ҳар як дархости баёншударо мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро қонеъ гардонад ё дар бораи рад кардани дархост таъиноти (қарори) асоснок барорад.

Қисми 3 ҳамин модда пешбини менамояд, ки суд, судя ҳуқуқ надорад, ки қонеъ кардани дархости пурсиши шоҳидонро дар маҷлиси суд, ки бо ташаббуси тарафҳо ҳозир шудаанд, рад намояд.

Инчунин дар асоси моддаи 5 Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя ҳуқук надорад аз баррасии парванда, ариза, дархост ва шикоятҳои ба пешбурди ӯ воридшуда саркашӣ намояд ё ба тариқи дигар аз иҷрои уҳдадориҳои касбии худ даст кашад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки худрадкуниро қонунгузории дахлдори мурофиавӣ талаб мекунад.

Судяи суди ______________________________

**(Н.Н.Н. судя ва номи суд)**

хилофи талаботи меъёрҳои дар боло зикргардида амал намуда, аз баррасии дархост беасос саркашӣ карда, дар хусуси қонеъ ва ё рад кардани он қарори дахлдор қабул накарда, онро кушода эълон намудааст.

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 119 КМҶ ҶТ иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин шахсони дигаре, ки манфиати онҳо халалдор шудааст, метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишот, прокурор, суд, судя шикоят оваранд.

Бо дарназардошти асосҳои дар боло зикргардида аз Шумо,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ҷиҳати баррасӣ гардидани дархости ҳимоятгар дар бораи пурсиши шоҳидон чораҳои дахлдор андешида шуда, инчунин барои вайрон намудани талаботҳои меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ ва Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати судяи Суди ____________________

________________________________________

**(Н.Н.Н. судя ва номи суд)**

ҷазои интизомӣ татбиқ карда шавад.

Адвокат: __________________ Имзо __________ Сана __________

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО

1. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (Бо қатъномаи 217 А (III) Ассамблеяи генералии СММ аз 10 декабри соли 1948 қабул карда шуд).
2. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ (ПБҲМС) (Қатъномаи АГ СММ аз 16 декабри соли 1966).
3. Эъломияи ҳифзи ҳамаи шахсон аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (Қатъномаи АГ СММ аз 9 декабри соли 1975).
4. Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ (Қатъномаи АГ СММ аз 17 декабри соли 1979).
5. Принсипҳои одоби тиббӣ, ки ба нақши кормандони соҳаи тандурустӣ, махсусан табибон дар ҳифзи маҳкумшудагон ва боздоштшудагон аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф марбутанд (Қатъномаи АГ СММ аз 18 декабри соли 1982)
6. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (Қатъномаи АГ СММ аз 10 декабри соли 1984).
7. Қоидаҳои стандартии минималии СММ, ки ба татбиқи адолати судӣ нисбат ба ноболиғон марбутанд ("Қоидаҳои Пекин") Бо қатъномаи АГ СММ аз 10 декабри соли 1985 қабул карда шуданд.
8. Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳама шахсони дар ин ё он шакл таҳти боздошт ё ҳабс қарордошта (Қатъномаи АГ СММ аз 9 декабри соли 1988).
9. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (Қатъномаи АГ СММ аз 20 ноябри соли 1989).
10. Принсипҳои асосии истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдор оид нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ (Аз тарафи Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон қабул карда шудаанд, Гавана, Куба, 27 август – 7 сентябри соли 1990)
11. Принсипҳои асосии муносибат бо маҳкумшудагон (Қатъномаи АГ СММ аз 14 декабри соли 1990)
12. Эъломия дар бораи ҳифзи ҳамаи шахсон аз нопадидшавии маҷбурӣ (Қатъномаи АГ СММ аз 18 декабри соли 1992).
13. Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ (Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ – шартномаи байналмилалӣ, ки аз тарафи Суди байналмилалии ҷиноятӣ таъсис дода шудааст. 17 июли соли 1998 дар конференсияи дипломатӣ дар Рим қабул карда шуд).
14. Принсипҳои таҳқиқ ва ҳуҷҷатгузории самараноки шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (Протоколи Стамбул) (Қатъномаи ШИИ СММ аз 4 декабри соли 2000).
15. Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо занони маҳбус ва чораҳои ҷазо барои занҳои ҳуқуқвайронкунанда, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ вобастагӣ надоранд (Қоидаҳои Бангкок) Бо қатъномаи 65/229 Ассамблеяи генералӣ аз 21 декабри соли 2010 қабул карда шуданд.
16. Қоидаҳои стандартии минималии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо маҳкумшудагон (Қоидаҳои Нелсон Мандела)  (Қатъномаи АГ СММ аз 17 декабри соли 2015).
17. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 1999.
18. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998.
19. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009.
20. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022.
21. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001.
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011.
23. Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шарҳҳоро оид ба таҷрибаи судии тафсири шартҳо, асосҳо, паиҳамӣ ва тартиби ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва ҳифзи ҳуқуқҳои қурбониёни шиканҷаро дар бар мегиранд:
- № 10 аз 23 декабри соли 2011 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад»;
- № 1 аз 25 июни соли 2012 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба муқовимат ба шиканҷа»;
- № 1 аз 25 июни 2012 года «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа».